НИГАРОНИИ ДАЛЕР ҶУМЪА с. 8

ДАР ТОҶИКИСТОН ЧАНД НАФАР ЗИНДОНӢ АСТ? с. 3

ДУШАНБЕ. ПАРВОЗҲО БА МАСИРҲОИ НАВ с. 4

ТОҶИКИСТОН

№29 (1642), 16.07.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

Ифтитоҳи иншооти ҷашнӣ дар 5 шаҳру ноҳияи вилоят



саҳ.2



ДАР ИН ШУМОРА:

“ТАШАББУСИ” ВОЛОДИН
ва нигаронии муҳоҷирон с.3

ЧИН
Шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон с.7

СЕРХИО ГОР
Сардори тошкандии бахши кадрҳои Трамп с.4

АФҒОНИСТОН
Миёни ваъда ва ваҳшат с.6

ИСТАРАВШАН
Муроҷиати маъюб баррасӣ шуд с.5

ФОҶЕА
Аз дасти шавҳар зери дор рафт с.11

ГУЛНАЗАР КЕЛДӢ
Чаро насаби шоир ӯзбекӣ аст? с.13

ВАРЗИШ
Беҳтаринҳо ҷоиза гирифтанд с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

Ифтитоҳи иншооти ҷашнӣ дар 5 шаҳру ноҳияи вилоят

РӮЗҲОИ 11-13-УМИ ИЮЛИ СОЛИ РАВОН ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО САФАРИ КОРӢ БА ВИЛОЯТИ СУҒД ТАШРИФ ОВАРД. САФАРИ КОРИИ САРВАРИ ДАВЛАТ АЗ НОҲИЯИ АЙНӢ ОҒОЗ ГАРДИДА, ДАР ШАҲРИ БӮСТОН БА АНҶОМ РАСИД. ДАР ҶАРАЁНИ ИН САФАР САДҲО ИНШООТИ ТАЪИНОНАТАШОН ГУНОГУН, КИ БА ИСТИҚБОЛИ ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ БУНЁД ГАРДИДААНД, БА ИСТИФОДА ДОДА ШУДАНД. АКСАРИ ИНШООТ БО ТАШАББУС ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲИБКОРОНИ ТОҶИК СОХТА ШУДААНД, КИ ГУВОҲ АЗ ҲИСИ БАЛАНДИ ВАТАНДӮСТӢ ВА САҲМГУЗОРИИ ОНҲО ДАР ОБОДИИ ВАТАН МЕБОШАД.







АЙНӢ

ГУЛГАШТ ВА МУҶАССАМАИ ГУЛНАЗАР КЕЛДӢ

11-уми июл бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Айнӣ гулгашт ва муҷассамаи Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ ифтитоҳ ёфт. Гулгашт дар хиёбони Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар маркази ноҳияи Айнӣ доман густурдааст.

Сарвари давлат зимни шиносоӣ бо корҳои анҷомёфта ба дастандаркорон барои тасвири шоистаи шоир дар муҷассама баҳои баланд доданд.

«ГУЛИСТОН» ДАР САНГИСТОН

11-уми июл бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ бинои нави Муассисаи таҳсилоти томактабии №6-и "Гулистон" ба истифода дода шуд. Ин кӯдакистон барои 120 кӯдак дар 4 гурӯҳ пешбинӣ шудааст. Дар кӯдакистон барои гузаронидани машғулиятҳо тамоми имкониятҳо муҳайё буда, аёниятҳо ва адабиёти бачагона пурра таъмин карда шудааст.

ТАЪМИНИ 500 ОИЛА БО ОБИ ТОЗА

Ҳамчунин, дар деҳаи Сангистон бо иштироки Президенти кишвар хати оби нӯшокӣ, ки барои 500 оила пешбинӣ шудааст, мавриди истифода қарор гирифт.

Гуфта мешавад, ки барои захираи оби тоза ва таъмини доимии мардум дар ҳамаи фаслҳои сол ҳавзи нигоҳдорӣ бо ҷунҷоиши 100 метри мукааб бунёд шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 8)



357 КОРХОНАИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Феълан дар Ўзбекистон 357 корхона бо сармояи Тоҷикистон фаъолият доранд, ки аз ин 89 корхонаи муштарак ва 268 адад комилан ба Тоҷикистон мансуб аст. Дар ин бора Кумитаи миллии омори Ўзбекистон хабар медиҳад.



Гуфта мешавад, ки то 1-уми июли соли 2025 дар ин кишвар 16 685 ширкати амалкунанда бо сармояи хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 20% зиёдтар аз як соли гузашта аст. Тоҷикистон аз рӯи корхонаҳои хориҷӣ дар ин кишвар зинаи 8-умро касб мекунад. Корхонаҳои Тоҷикистон махсусан дар соҳаи саноат, сохтмони фабрикаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус дар минтақаҳое чун Деҳнав амал мекунанд. Сармоягузорони тоҷик дар бахши истихроҷ, аз ҷумла иктишофи геологӣ ва металлургия низ фаъоланд.

Тавре директори Маркази таҳқиқоти иқтисодӣ ва ислоҳоти Ўзбекистон Обид Ҳакимов зикр кардааст, Тоҷикистон ба даҳгонаи шарикони сатратегии кишвар дохил мешавад. Самтҳои ояндадор барои рушди минбаъда - бунёди кластерҳои саноатӣ, рушди неруи барқи обӣ (гидроэнергетика), роҳандозии долони логистикии Ўзбекистон - Тоҷикистон - Чин ва густариши самтҳои савдо арзёбӣ мешаванд.

Қобили зикр аст, ки дар Тоҷикистон зиёда аз 70 корхона бо сармояи Ўзбекистон амал мекунанд.

«ТАШАББУСИ» ВОЛОДИН

аз муҳоҷирон пули бештар мегиранд?

Дар парлумони Русия тарҳи санадеро баррасӣ мекунанд, ки зоҳиран хароҷоти муҳоҷирони корӣ, аз ҷумла муҳоҷирони тоҷик барои гирифтани патентро зиёдтар мекунад. Владимир Володин, раиси Думаи давлатӣ гуфт, ки тарҳи санади мазкур рӯзи 15-уми июл дар нишасти вакилони мардумӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Бар асоси он, муҳоҷир маҷбур мешавад, ки барои гирифтани патент ва ё иҷозатномаи кор, дароз кардани мухлати он, гирифтани нусхаи патент ва ё ворид кардани тағйирот ба он аз 2100 то 4200 рубли иловагӣ бисупорад.

Владимир Володин афзудааст, ки тарҳи санади нав имкон медиҳад, “бар иловаи афзудани пул дар буҷаи давлат, назорати муҳоҷирон сахттар шавад, ҷойи воқеии иқомати онҳоро муайян кунанд ва дар ниҳоят муҳоҷирати ғайриқонунӣ кам шавад”.

Бар иловаи ин ҳама пешниҳод шудааст, ки ҳаҷми боҷи давлатӣ барои сабти номи хориҷиён, аз ҷумла муҳоҷири корӣ дар ҷойи зист, дароз кардани мухлати иқомати онҳо боло бурда шавад. Дар як соли ахир Думаи давлатии Русия на камтар аз 20 санад ва қонунеро қабул кард, ки шарту шароити зиндагиву кори муҳоҷиронро дахл дорад ва онро маҳдуд ва ё сахттар мекунад.

Ба қавли ҳомиёни ҳуқуқ, пайваста бардоштани мавзуи муҳоҷират дар Думаи давлатӣ талоше барои дур бурдани афкори умуми Русия аз мушкилоти афзояндаи дохилӣ ва бахусус ҷанги вайронгар дар Украина аст, ки ҷони сарбозони ҷавони зиёдеро мегирад. Русия бузургтарин мизбони муҳоҷирони тоҷик аст ва дар он бештар аз 1 миллион нафар аз аҳолии қобили кори кишвар кору зиндагӣ мекунанд.



Тоҷикистон ва Қирғизистон қасд доранд то соли 2030 гардиши молро ба 500 млн доллар расонанд. Дар ин бора ҳафтаи гузашта дар гузориши муфассал аз сафари Президенти Қирғизистон Садир Жапаров ба Тоҷикистон хабар дода будем.

Дар инфографикаи мазкур мо ба шумо гардиши тиҷорат миёни ду кишварро аз соли 2019 то 2025 пешниҳод мекунем.

Гуфта мешавад, ки аз моҳи январ то майи соли 2025 ҳаҷми муомилоти мол миёни ду кишвар 6,4 млн долларро ташкил додааст.

Рақами рекордӣ дар солҳои охир дар соли пеш аз пандемия - 2019 сабт шуда буд, ки он замон нишондод 54,2 млн долларро ташкил дод.


САРИ САБЗ



ОЗАРАХШ, Шоири халқии Тоҷикистон

- Мардумро дар толору варзишгоҳҳо метавон бо ҳамҳамаи шоуҳову барномаҳои рангини замонавӣ низ ҷамъ кард, аммо ошиқони шеъру адабиёт барои дидорбинӣ ба шоири дили худ дигар хел меоянд... Аз онҳое, ки пушти дар мондаанд, маъзарат мехоҳам.

- Аз ҳамаашон маъзарат хостан шарт набудагист. Шояд як қисмашон барои он омада бошанд, ки китоби ройгон бо соядаст тақдимашон кунед. Ва боз, дигар хел...



Гулсифат ШАҲИДӢ, адиб ва рӯзноманигор

- Гуфтам, ки Худо ризқи ҳар касро додааст, аммо барои ноил шудан ба он кӯшиш мебояд. Ҳамаи инро фаҳмондем. Писаронам бобояшонро дӯст медоштанд, мегуфтанд, ки “мо ҳам вазир мешавем”. Табрез продюсер шуд, ду писари дигар ба роҳи иқтисод рафтанд.

- Аҷиб, фаҳмондеду гуфтанд, ки “мо ҳам вазир мешавем”, аммо ягон нафарашон вазир нашуданд. Лекин, дунё ба умед, ҳоло ҷавонанд, рӯзҳои хубу хурсандӣ дар пешанд.



Ғолиб МУСОЕВ, блогер ва коргардон

- Рӯзе аз хона баромадам, нафаре омаду гуфт, ки Ғолибҷон, як нафар 20 ҳазор сомонӣ қарздор аст, наметавонам аз дасташ гирам. Гуфт чӣ кор кунам? Гуфтам ба хотири он ки фишорат боло наравад, барои ғамгин нашуданат, ҳар моҳ 5 ҳазор сомонӣ бахш, тамом мешавад.

- Баъди ин “маслиҳат”-и додаатон ягон маротиба аз ҳоли он нафар бохабар шудед? Шояд пеш аз тамом шудани қарзаш худаш батамом тамом карда бошад.

Фаластинро ҳимоя карду таҳрим шуд

Амрико нисбати як гузоришгари мустақили СММ, ки масъули таҳқиқ дар бораи нақзи ҳуқуқи башар дар Фаластин аст, таҳрим ҷорӣ мекунад.



Марко Рубио, вазири корҳои хориҷии Амрико бо эълони таҳрим алайҳи Франсеска Албанезе, гузоришгари вижаи СММ барои Каронаи Бохтарӣ ва Ғазза, дар шабакаи X навишт, ки "маъракаи ҷанги сиёсӣ ва иқтисодии Албанезе алайҳи Амрико ва Исроил дигар таҳаммул нахоҳад шуд. Мо ҳамеша дар паҳлуи шарикони худ (Исроил) ва ҳаққи дифои машруи онҳо хоҳем истод". Гуфта мешавад, ки тасмими Амрико барои таҳрими Албанезе пас аз он сурат мегирад, ки талошҳои ахири Вашингтон барои водор кардани СММ ба барканории ӯ ном мондаст. Албанезе, ки вакили ҳуқуқи башар аст, ба таври ошкоро наслкушии Исроил алайҳи фаластиниҳоро дар Ғазза маҳкум кардааст.

AP

Шаръ дар Боку

Аҳмад Шаръ, раисҷумҳури муваққати Сурия ба Озарбойҷон сафар кард ва бо мақомоти ин кишвар мулоқот анҷом дод. Ҳамчунин, ӯ дар Боку бо намояндагони Исроил аз наздик вохӯрд.



Хабаргузории AFP аз қавли манобеаш дар ҳукумати Сурия навиштаст, ки Аҳмад Шаръ дар вохӯрии рӯ ба рӯ бо намояндагони Исроил ширкат накардааст. Сабаб "ҷиноятҳои ҷангии ахири Исроил дар Сурия" гуфта шудааст.

Баъди суқути ҳукумати Башор Асад дар моҳи декабри соли 2024, Исроил ба маконҳои ҳарбии Сурия садҳо ҳамла анҷом дод.

Аҳмад Шаръ баъди соҳиби қудрат шудан дар Сурия борҳо гуфтааст, ки Димишқ нияти ҷанг бо ҳамсояҳоро надорад. Аммо Исроил бо назардошти гузаштаи Аҳмад Шаръ дар гурӯҳҳои террористӣ, ба ҳарфҳои ӯ нобоварӣ изҳор кардааст.

AFP

50 РӮЗ МУҲЛАТ

Путин сиёсаташро тағйир медиҳад?

Рӯзи 14-уми июл президенти ИМА Доналд Трамп эълон кард, ки ба Украина силоҳ мефиристад. Дар айни замон ӯ ҳушдор дод, ки агар Русия ба сулҳ мувофиқат накунад, ҳамкорони тиҷории Маскавро таҳти таҳрим қарор хоҳад дод.



Коршиносон ин тасмими Трампро тағйири муҳими сиёсат дар муқобили Русия меноманд, ки бар пояи навмедӣ аз ҳамлаҳо ба ҳамсоякишвараш маншаъ мегирад.

Дар поёни мулоқот бо дабири кулли паймони НАТО Марк Рютте дар Кохи Сафед президент Трамп гуфт, ки силоҳи Амрико ба маблағи миллиардҳо доллар тавассути кишварҳои НАТО ба Украина фиристода мешавад.

Ӯ гуфт: "Мо бо дабири кулли паймони НАТО мулоқоти бузурге доштем. Мо дар мавриди Украина иқдоми каме дигар гирифтем. Мо ба НАТО миқдори зиёди силоҳ мефиристем. Онҳо пули силоҳро 100 дарсад пардохта, ба Украина мерасонанд".

Дар бахши нави содироти силоҳ ба Украина пойгоҳҳои зиддиҳавоии "Пэтриот" низ шомил мешаванд, ки Украина ба он шадидан эҳтиёҷ дорад. Ба қавли Рютте, Олмон, Финландия, Дания, Швесия, Норвегия, Британиё, Нидерландия ва Канада дар хариди силоҳ барои Украина саҳмгир хоҳанд буд.

Воқеан Трамп ба Путин барои ҷилавгирӣ аз таҳрим муҳлат додааст. Трамп дар ин бора чунин гуфт: "Мо нороҳат ҳастем, ман аз Русия нороҳатам. Дар ин бора шояд рӯзи дигар суҳбат кунем. Вале агар мо дар давоми 50 рӯз шоҳиди созише нашавем, дар ҳаҷми 100 дарсад тарофа ҷорӣ мекунем. Шумо онҳоро тарофаи сонавӣ меномед".

Хабарнигори "Рейтерс" менависад, ки дар давоми се соли ҷанги Украина тиҷорати мамолики ғарбӣ бо Русия ба ҳадди имкон коҳиш ёфтааст, вале тарофаи сонавӣ кишварҳои шабеҳи Чину Ҳиндустонро дар бар хоҳад гирифт, ки аз Маскав бо нархи паст маводи сӯхт мехаранд.

Вале дар посух мақомдорони Русия исрор меварзанд, ки тадбирҳои Трамп ба нақшаҳои Кремл ҳеҷ таъсир нахоҳанд дошт. Константин Косачев, муовини раиси Шурои федералӣ - палатаи болоии парлумони Русия дар шабакаи Телеграмм навиштааст, ки "дар 50 рӯз дар ҷабҳаи ҷанг ва дар афкори мардуми кишварҳои ғарбӣ ҳар чиз метавонад рӯй диҳад. Он ба мавқеъгирии мо таъсир нахоҳад овард!".

САРДОРИ БАХШИ КАДРҲОИ ТРАМП АЗ ТОШКАНД БУДААСТ

Серхио Гор - роҳбари дафтари кадрҳои Президенти ИМА Доналд Трамп зодаи шаҳри Тошканд, пойтахти Ҷумҳурии Ӯзбекистон будааст. Рӯзномаи Times of Malta ва OCCRP (Лоиҳаи таҳқиқоти рӯзноманигорӣ дар бораи ҷиноятҳои муташаккил ва фасод) дар ин бора хабар дода, менависад, ки номи аслии Серхио Гор Сергей Гороховский будааст.

Серхио Гор дар Иттиҳоди Шуравӣ зода шуданашро пинҳон мекард. Ӯ ба саволҳо дар бораи зодгоҳаш посухи мушаххас намедод, танҳо ишора мекард, ки "аз Русия нест". Пештар расонаҳо менавиштанд, ки Серхио Гор муҳоҷире аз Малта мебошад. Вале ахиран OCCRP ҳуҷҷати расмии тасдиқшудаи моликияти амволи ғайриманқулро дар Малта ба даст овардааст, ки тибқи он зодгоҳ ва ному насаби аслии Гор собит гардид.

Бино ба гузориши OCCRP Серхио Гор, рӯзи 30-юми ноябри соли 1986 дар Тошканд таваллуд шудааст. Хонаводаи ӯ баъдан ба Аврупо ҳиҷрат карда, панҷ сол дар Малта зиндагӣ кардаанд. Модараш, ки шаҳрвандии Исроилро доштааст, дар он ҷо ширкат сабт намуда, дар шаҳри Коспикуа амволи ғайриманқул харидааст. Соли 2021 Серхио Гор ҳамин хонаро аз ширкати модараш бо нархи 255 ҳазор евро харидорӣ намудааст. Дар санади нотариалии моликият, ки бо он амали харид тасдиқ шудааст, маҳалли таваллуди ӯ пойтахти Ӯзбекистон, шаҳри Тошканд зикр шудааст.

Баъдан, хонавода ба ИМА кӯч баста, Гор шаҳрвандии Амрикоро гирифтааст ва ба фаъолияти сиёсӣ пардохтааст. Ӯ аввал дар дафтари сенатори чумҳурихоҳ Рэнд Пол, баъдан дар ситоди интихоботии Доналд Трамп фаъолият кард.





«ҲИЗБИ АМРИКО»

Илон Маск низоми дуҳизбиро мешиканад?

Илон Маск, сарватмандтарин марди ҷаҳон ва мудири иҷроияи ширкати "Тесло" бо эълони таъсиси ҳизби сиёсие бо номи Ҳизби Амрико низоми сиёсии дуҳизбии Иёлоти Муттаҳидаро таҳти суол қарор дод. Ӯ ин иқдомро посухе ба "низоми фасодзадае, ки дигар мардуми Амрикоро намояндагӣ намекунад" унвон кард.

Маск ба воситаи шабакаи иҷтимоии худ "X" хабар дод, ки Ҳизби Амрико расман таъсис шуд. Ӯ гуфт, ки "имрӯз Ҳизби Амрико таъсис ёфт, то озодии шуморо бозгардонад".

Ин эълон дар пайи як назарсанҷии рӯзи истиқлоли Амрико сурат гирифт, ки бар асоси он бо нисбати 2 ба 1 мардум аз таъсиси як ҳизби сеюм ҷонибдорӣ кардаанд. Маск низ дар посух навишт, ки "мардуми Амрико як ҳизби нав мехоҳанд".

Ба гуфтаи Маск ҳизби нав на барои пирӯзӣ дар интихоботи умумии президентӣ, балки барои ба даст овардани аз 10 то 12 курсӣ дар палатаи намояндагон ва Сенат талош хоҳад кард. Ҳадаф ташкили як фраксияи мустақили сеюм дар Конгресс аст, ки бе вобастагӣ ба демократҳо ё ҷумҳурихоҳон битавонад қонунҳои зиёноварро манъ намояд ё таҳти назорат гирад.

Дар таърихи Иёлоти Муттаҳида ҳизбҳои сеюм аксаран ном будаанд, аммо баъзан тавонистаанд таъсири сиёсии қавӣ дошта бошанд. Масалан, Теодор Рузвелт дар соли 1912 бо ҳизби "Bull Moose" ҷойи дуюмро гирифт. Ҷорҷ Уоллес дар соли 1968 бо платформаи популистӣ ва зиддиҷудой 13,5% раъй ва 46 фоиз раъйи электорал гирифт. Росс Перо дар соли 1992-юм 18,9% овоз гирифт, аммо раъйи электорал на.

ПАРВОЗҲО БА МАСИРҲОИ НАВ

ПАРВОЗҲО МИЁНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТОҶИКИСТОН

Ширкати ҳавопаймоии Centrum Air-и Ӯзбекистон парвозҳоро дар хатсайрҳои Тошканд - Душанбе - Тошканд ва Самарқанд - Душанбе - Самарқанд оғоз менамояд.



Тибқи иттилои Оҷонсии ҳавонавардии граждании Тоҷикистон, нахустин парвоз дар масири Тошканд - Душанбе рӯзи 19-уми июл ва дар масири Самарқанд - Душанбе 20-уми июл анҷом дода мешавад.

Ба гуфтаи манбаъ, дар ҳарду хатсайр парвозҳо ҳафтае ду маротиба ба нақша гирифта шудаанд.

Арзиши чипта дар масири Тошканд - Душанбе 653 ҳазор сӯми ӯзбекӣ (тақрибан 495 сомонӣ) ва дар масири Самарқанд - Душанбе 608 ҳазор сӯм (тақрибан 460 сомонӣ) муқаррар шудааст.

Ба иттилои расмӣ, роҳандозии ин парвозҳо дар асоси созишномаи байниҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар бораи алоқаи ҳавоӣ сурат гирифтааст, ки 9-уми марти соли 2018 ба имзо расида буд.

АЗ ТЮМЕН БА ДУШАНБЕ

Ширкати ҳавопаймоии Nordwind Airlines тасмим дорад то охири соли ҷорӣ парвозҳоро дар хатсайри нави Тюмен - Душанбе оғоз намояд. Дар ин бора Антон Маттис, директори тиҷоратии ширкат изҳор доштааст.

Ба гуфтаи Маттис, дар баробари Душанбе, парвозҳо ба Бишкек низ дар нақша ҳастанд. "То охири соли ҷорӣ мо дар ду масири дигар - Бишкек ва Душанбе парвозҳоро оғоз хоҳем кард. Ва ба эҳтимоли зиёд хатсайри ҳафтум Хуҷанд хоҳад буд",- таъкид кард ӯ.

Ширкати Nordwind, ки марказаш дар Русия ҷойгир аст, солҳои охир фаъолияти худро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ густариш медиҳад.

МУРОҶИАТ БАРРАСӢ ШУД

Вокуниш ба мақолаи

«БА ДОДИ МАНИ МАЪЮБ КӢ МЕРАСАД?»

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан мақолаи шаҳрванд, сокини шаҳри Истаравшан, деҳоти Қалъаи Баланд Ҷаҳонгири Муродбекро, ки дар рӯзномаи "Тоҷикистон" аз 28-уми майи соли 2025, №22 (1635) бо номи "Ба доди мани маъюб кӣ мерасад? Ба таваҷҷуҳи раиси шаҳри Истаравшан Адҳам Маъмурзода" нашр шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.


МАВЗӮИ РӮЗ

Аз пиряхҳои Тоҷикистон чӣ боқӣ мондааст

Масоҳати умумӣ дар кишвар
11,1 ҳаз. км² — 8% қаламрав

Пиряхҳои калонтарин
Федченко 156 км² — Гармо 114,6 км² — Витковский 50,2 км²

Шумораи пиряхҳо
1984 8,4 ҳазор
1990 13 ҳазор
2023 14,5 ҳазор

1,9 ҳазор дарвоза 50 сол тамошо нест шудааст.

Оқибатҳо чӣ гунаванд?
Кам шудани захираҳои чорӣ
Хушкӣ
Офатҳои ногувор
Боронҳои ҳароҳ бештар мешаванд ва сатҳро шӯстанд

МУОВИНИ ЯКУМИ ДАБИРИ КУЛЛИ СММ БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД

Ба тоҷикӣ

Истаравшан

Адҳам Ҳалимзода

БА ДОДИ МАНИ МАЪЮБ КӢ МЕРАСАД?

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки рақаму далелҳои дар мақола дарҷшуда асоси воқеӣ надоранд.

Маълум менамоем, ки ба оилаҳои эҳтиёҷманди ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланд соли 2011 бо қарорҳои раиси шаҳри Истаравшан аз ҳисоби заминҳои бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фонди манзил ҷудогардида қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷудо ва вобаста карда шудааст.

Ҳамчунин бо қарори раиси шаҳри Истаравшан аз 15-уми апрели соли 2011, №240 ба шаҳрванд Ҷаҳонгири Муродбек ба масоҳати умумии 0,08 га қитъаи замини наздиҳавлигӣ аз мавзеи Сексарӣ ҷудо карда шудааст.

Баъдан бо қарори раиси шаҳр аз 21-уми июли соли 2011, №575 ба масоҳати қитъаи замини ҷудогардида тағйирот ворид гардида, масоҳати қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрванд аз 0,8 га ба 0,12 га муқаррар карда шудааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 37-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон заминистифодабарандагон ухдадоранд дар муҳлати 3 сол дар қитъаҳои замини ҷудогардида ба корҳои сохтмонӣ шурӯъ намоянд.

Тибқи қарорҳои болозикр ба шаҳрванд Ҷаҳонгири Муродбек ба масоҳати умумии 0,12 га қитъаи замин аз ҳисоби заминҳои фонди манзил ҷудо гардида, номбурда то ҳол дар қитъаи замини мазкур ба корҳои сохтмонӣ шурӯъ накардааст.

Баъд аз сипарӣ гардидани 14 сол, яъне дар соли 2025 ба ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланд ҷиҳати тағйир додани мавзеи қитъаи замини ҷудогардида, аз мавзеи Сексарӣ ба заминҳои маҳали аҳолинишини деҳаи Қалъаи Баланд муроҷиат намуда, муроҷиат аз ҷониби масъулини ҷамоат мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз номи раиси ҷамоат ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ҷиҳати ворид намудани тағйирот ба қарори раиси шаҳр аз 21-уми июли соли 2011, №575 пешниҳоди ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланд аз 18-уми марти соли 2025, №45 ворид гардидааст.

Ҳангоми баррасии пешниҳоди мазкур аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бинобар манзур нагардидани протоколи комиссияи манзили ҷамоат ва муайян набудани мавзеи дарназардошта, таклифи мазкур барои ислоҳ ва мутобиқ ба талаботҳои қоидаҳо оид ба амалӣ намудани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гирифтан ва ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо додани қитъаҳои замин" барои ба гурӯҳи заминҳои маҳалҳои аҳолинишин гузаронидани онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №603, аз 11-уми ноябри соли 2010 тасдиқ гардидааст, ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузориҳо ба ҷамоати деҳот бо мактуби ҷавобӣ аз 18-уми апрели соли 2025, №141/1 бозпас гардонида шудааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 8 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" назорати истифодаи заминҳо ба салоҳияти раисони он гузошта шудааст.

Бинобар ин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр омода аст, ки тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби комиссияи дахлдори ҷамоати деҳот мавриди баррасӣ қарор дода шудани муроҷиати мазкур ва пешниҳод гардидани санад ва муайян гардидани мавзеи замин, шароити маъюбии шаҳрванд Ҷаҳонгири Муродбекро ба инобат гирифта, дарҳосташро қонеъ намояд.

Парвиз ЗАФАРЗОДА,
муовини раиси шаҳр

РЕЗААХБОР

Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар иҷлосияи дуюми Маҷлиси вакилони халқи пойтахт таъкид кард, ки дар давраи наздик дар пойтахт чор корхонаи нави саноатӣ бунёд хоҳад шуд. Вай ба масъулин дастур дод, ки барои амалӣ кардани ин тарҳҳо тамоми чорабиниҳои заруриро саривақт ва бо сифати баланд анҷом диҳанд.

***

Мактаббачаи тоҷик Зубайр Каримов дар озмуни байналмилалии эҷодиёти кӯдакону наврасон, ки дар Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид, сазовори Шоҳҷоиза (Grand Prix) шуд. Ба иттилои идораи маорифи шаҳри Душанбе, дар ин озмун Муҳаммадҷон Рачабов, хонандаи Маркази таҳсилоти иловагии ба номи Сомонӣ дар бахши "Сурудхонии эстрадӣ" ҷои дуюмро соҳиб гардид.

***

Дар шаҳри Душанбе Ҷашнвораи хӯрокҳои миллии Покистон баргузор гардид, ки дар он меҳмонон бо таомҳои маъруфи покистонӣ, аз ҷумла бирёнӣ, самбӯса, ҳалво ва лаҳмаҷун шинос шуданд. Гуфта мешавад, ки мақсади баргузории ҷашнвора ошно кардани сокинон ва меҳмонони пойтахт бо фарҳанги ғании Покистон мебошад.

***

Соли равон 35 нафар хатмкунандаи муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе сазовори медали тилло ва шаҳодатномаи хатми аъло (аттестати аъло) гардидаанд. Дар ин бора Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе хабар медиҳад. Медали тилло ва шаҳодатномаи аъло барои донишомӯзоне дода мешавад, ки дар тамоми фанҳои таълимӣ натиҷаҳои аъло нишон дода, дар имтиҳонҳои хатм низ сатҳи баланди донишу малака зоҳир менамоянд.

***

15-уми июл дар Душанбе барномаи муштараки ҳукумати Тоҷикистон ва агентиҳои СММ зери унвони «Тағйир додани системаҳои ғизоӣ барои беҳтар кардани ғизо» муаррифӣ шуд. Барнома бо маблағи 2 миллион доллар татбиқ шуда, зиёда аз 2,8 миллион нафар аҳолиро фаро мегирад. Ин ташаббус бо иштироки ФАО, ЮНИСЕФ, СҶТ ва WFP амалӣ шуда, ба таъмини ғизои солим, дастгирии занону ҷавонон, навсозии ғизои мактабӣ ва тақвияти бахши кишоварзӣ равона шудааст.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД



(Идома аз шумораҳои гузашта)

28-УМИ АПРЕЛ - ТАРАКӢ ДАР ҚАСРИ АРК

Субҳи 28-уми апрел, баъд аз чанд соати ҷанг ва муқовимати шадиди сарбозони вафодори Довуд қасри Арк, маркази ҳокимият ба дасти инқилобиҳо гузашт. Муҳаммад Довуд бо хонаводааш ба қатл расид. Дар Афғонистон сулолаи шоҳӣ ва режими хешовандсолорӣ аз байн рафт. Ин ибтидои нооромӣ дар Афғонистон ва саргардонии мардуми ин кишвар гашт.

Ҳамин субҳ, дар ҳоле ки хиёбонҳои Кобул холӣ аз одам, аммо пур аз садои мошинҳои зиреҳпӯш буд, Нурмуҳаммад Таракӣ, ки як рӯз пеш аз зиндон раҳо шуда буд, ба қасри ҳукумат ворид шуд.

Инқилоб пирӯз шуд. Ва Афғонистон дигар ҳамон набуд.

29-уми апрел, бо эъломияи расмӣ, Ҷумҳурии Демократии Афғонистон таъсис ёфт. Нурмуҳаммад Таракӣ раиси Шурои Инқилоб ва ҳамзамон Сарвазир эълон гардид.

Ин марди ором, ки то чанд рӯз пеш дар манзилаш ба навиштани мақолаи фалсафии «Ҳақиқат ва ҳаёт» машғул буд, якбора дар маркази ҳикояи пурфоҷиае қарор гирифт, ки шояд худ ҳам интизораш набуд.

ЛАҲЗАҲОИ АВВАЛИНИ ҲУКМРОНИИ ТАРАКӢ

Қасри Арк аз шаҳомати шоҳона ба китобхонаи як роҳбари ранҷбар табдил меёфт. Дар чанд рӯзи аввал, Таракӣ бо пойафзоли кӯҳна ва либоси содда дар долонҳои кох роҳ мерафт. Генерал Қодир дар яке аз суҳбатҳояш бо Муродуллоҳ Шерализода, ки аллакай робитаи дӯстӣ миёнашон ба амал омада буд, ёдовар мешавад, ки рӯзи аввали дар қаср буданаш Таракӣ гуфта буд: “Ман инҷо роҳат нестам. Ман қаср намехоҳам. Ман хонае мехоҳам, ки бо як тахт, як миз ва чанд курсӣ бошад”.

Аммо ҳафтае нагузашта талаб кард, ки мехоҳад ба қисмати дарунии қаср кӯчад. Ва дар ҳамон кӯч, рӯҳи ранҷбарии Таракӣ дар ҳавои шукӯҳи қудрат нопадид гашт. Қудрат, мисли ҳашароти хомӯш, дарунро мехӯрад. Ва ӯ ҳам тадричан аз як “устод”-и маҳбуб ба як фармондеҳи сахтгиру беамон табдил ёфт.

ТАВТИАИ АМИН БАР ЗИДДИ ТАРАКӢ

Ҳафизуллоҳ Амин, ки Таракӣ ӯро бо муҳаббат “писари маънавӣ” мехонд, бо шитоби тааҷҷубовар сутунҳои қудратро зери таъсири худ мегирифт. Аз паси ҳар мулоқот бо сафирони хоричӣ ва роҳбарони низомӣ, сояи ӯ боқӣ мемонд.

Таракӣ боре ба генерал Қодир мегӯяд:

- Амин бисёр тез аст. Вале ман дидаам, ки маҷрои тез ҷӯйи оромро мебурад...

Аммо дер шуда буд.

Ҳангоми бозгашт аз сафари расмӣ ба Ҳавана, ҷое, ки Таракӣ бо эътимод ва эҳсоси комёбӣ суханронӣ карда буд, ӯ дигар раҳбари давлат набуд. Он даме, ки қадам ба фурудгоҳи Кобул гузошт, фазо дигар шуд. Артиш хомӯш буд. Гвардияи хос бо забони ҷасади сард қадам мепартофт. Нидое набуд, ки ба ӯ «марҳабо» гӯяд.

Ҳама чизе, ки Таракӣ аз он метарсид, акнун рӯй медод. Амин, ҳамон нафаре, ки ҳамарӯза дасташро мебӯсид ва ӯро «устод» мехонд, бо дасти худаш тарҳи куштори вайро мекашид.

Ҳафизулло Амин бо баҳонаи «маслиҳати махфӣ» Таракиро ба «доруламон» - қасри пӯшидаи амниятӣ, ки он вақт ба ҳифзи шахсии раҳбарони баландпоя тааллуқ дошт, даъват кард. Аммо «доруламон» акнун на амонгоҳ, балки дарвозаи марг шуда буд.

Дар торикии шаб, зери назорати хадамоти амниятии Амин ва бо фармони бевоситаи ӯ, Таракӣ ба ҳуҷрае бурда шуд, ки равзана надошт. Ҳуҷрае, ки ҳар шаб шоҳиди нафасҳои охирини касе мешуд. Онҷо, дар рӯи фарши сард Таракӣ нишаста буд, бо саре, ки дигар қудрати фикр кардан надошт. Ӯ аллакай худро бегона ҳис мекард, дар кишвари худ, дар қасри худ, миёни мардумони худ.

Ба уток ду нафар ворид шуданд, силоҳашон болиш буд. Яке аз афроди наздик ба Амин, дигаре аз хадамоти амният.

Он шаб Таракиро бо болиш бӯғӣ карданд. Зери фишор, бо вуҷуди муборизаи ҷисми заифшуда, лаҳза ба лаҳза нафасаш танг мешуд. Шояд фиғони охирини ӯ беовоз буд. Шояд қатрае аз ашки чашмаш, ки дар рӯи пардаи болиш афтод, охирин ҳуҷҷати мардонагии шахсияти барканоршуда буд.

Ҳамин тавр, Таракӣ - раҳбари инқилоб, сухангӯи заҳматкашон, падари ҳизбе, ки бо ормонҳои иҷтимоӣ қомат рост карда буд, бидуни додгоҳ, бидуни иттиҳом, бидуни дифоъ дар хонаи хомӯшӣ ҷон дод. Ва Амин - раҳбари нав, ки ҳамагӣ чанд моҳ пеш бо тамоми вуҷуди худ дар хидмати устод қарор дошт, акнун сарпӯши хокие шуд, ки марги нангинро на танҳо ба ҷони устод, балки ба таърихи як насл ворид кард. Ӯ, ки дасти Таракиро мебӯсид ва дар ҳар суҳбат «устодҷон» мегуфт, бо дасти худ нафаси ӯро дар торикии таҳхона баст, то худаш дар равшании қаср нафас кашад. Ин оғози поёни як даврае буд, ки баъдтар ба ҳизб ва кишваре буд, ки бародарон бар зидди ҳам бархестанд ва инқилоб фарзандони бехтарини худро фурӯ бурд.

Амин - раҳбари нав, ки дирӯз худро фидоии устод медонисту ҳар суханашро бо «устодҷон» оғоз мекард, хомӯштарин фармони таърихро иҷро кард: хомӯш кардани нафаси устод.

Дар таҳхонаи торик ва хомӯши Қасри раёсат, ҷойе дур аз ҳама маъракаи таблиғот ва шиорҳои «баробарӣ», «адолат» ва «ҳукумат барои халқ», фармони қатл содир шуд: на бо имзо, на бо муҳр, балки бо болиш. Болише, ки гувоҳ шуд: сиёсат ҳамоно саҳнаи шадидтарини хиёнат аст.

Нурмуҳаммад Таракӣ - падари инқилоби Савр, асосгузори Ҳизби халқӣ, сухангӯи ормонҳои мардуми заҳматкаш, он шаб дар зери дасти худи ҳамон шогирде нафас боздод, ки ӯро аз гӯшае ба саҳнаи сиёсат оварда буд.

Амин бошад, субҳ ниқоб ба чеҳра кашид, сари минбари ҳукумат баромад ва гуфт: «Устод бо сабаби беморӣ ба рухсатии истироҳатӣ рафтанд».

Кам касе медонист, ки устод ба истироҳати абадӣ рафта буд.

Ҳамин тавр, даре баста шуд. Ва оинаи як идеология шикаст.

Таракӣ рафт, вале намурд. Ӯ ба як рамз табдил ёфт, рамзи он ки инқилоб фарзандони худро низ мехӯрад, агар онҳоро бо ақл не, бо ҳирсу зоҳирпарастӣ парвариш диҳад.

Амин устодро дар торикӣ кушт, худашро рӯзона дар нури даҳшати ҳамон шабҳо дид - танҳо, мавриди шубҳа ва наҷотнаёфта аз хашми ҳамон қудрате, ки гӯё ӯро пуштибонӣ мекард.

Он шаб Таракӣ кушта шуд. Вале фоҷиа танҳо қатли як шахс набуд, он шикасти садоқат, саркӯбии ақл ва оғози поёни як хати сиёсӣ буд, ки дер напайваст ва зуд шикаст.

МИЁНИ ВАЪДА ВА ВАҲШАТ: ҲУКМРОНИИ ҲАФИЗУЛЛОҲ АМИН

Ҳанӯз бӯи навбатии инқилоб аз кӯчаҳои Кобул нарафта буд, ки сари минбар раҳбари нав Ҳафизуллоҳ Амин омад. Ӯ, ки то дирӯз “шогирди вафодори Таракӣ” номида мешуд, устодашро бо дасти худ аз миён бурд ва худро нозим ва ноиби “адолат ва озодӣ” эълон мекард. Аммо дар паси чеҳраи таҳаммулгаро ва шиорҳои ҷаззоб, сиёҳии як давраи таҳаммулнопазир ва пурдаҳшат пинҳон буд.

Ҳафизуллоҳ Амин дар кӯтоҳтарин фурсати ҳукмронии худ, ки аз моҳи сентябр то декабри соли 1979 тӯл кашид, ба сиёсати “таҳдиду тарсондан” рӯй овард. Дар аввалин рӯзҳо сухан аз «ислоҳоти амиқи идеологӣ» мерафт. Вале ба зудӣ тамоми ислоҳот ба шиканҷаву қатл, фишору маҳв табдил ёфт. Мардум гуфтанд: “Таракӣ бад буд, вале Амин бадтар”.

Зиндонҳои Кобул бо доду фарёди мардуме пур буданд, ки то дирӯз дар бозор нон мефурӯхтанд ё дар масҷид панҷ вақт намоз мехонданд. Бо шубҳаи ҳамкорӣ бо мухолифин, бо гуноҳи номуайян, бо номи “тарафдори режимҳои кӯҳна” ва “душмани халқ” онҳоро мебурданд. Амин шахсан рӯйхатҳои қатлро тасдиқ мекард.

- Бигзор таърих фаҳмад, ки мо раҳму шафқатро фидо кардем, то миллат наҷот ёбад,- гуфта буд ӯ дар як суханронӣ.

Вале мардум мегӯянд, ки маҳз раҳму шафқат набуд, ки миллатро ба вартаи хун бурд.

Ҳафизуллоҳ Амин гирифтори бемории шубҳа гашта буд. Ҳатто дар муҳити худӣ дигар ба касе эътимод надошт. Ӯ хоб намерафт, магар бо дастгоҳи мухобирот дар паҳлу, се тани муҳофиз ва сад пурсиш аз вазирону мушовирон. Ӯ гумон дошт, ки Шуравӣ ӯро аз сари қудрат дур мекунад. Ва ҳамин гуна ҳам шуд. Вале пеш аз он, ӯ бо дастони худ садҳо ҳамватанро саркӯб кард.

Ӯ забони форсӣ (дарӣ)-ро, ки забони модарии аксар мардум буд, маҳдуд сохт. Ҳам ба хотири қудрат ва ҳам ба хотири тафриқа. Ӯ медонист, ки миллате воҳид - хатаре бузург барои истибдод аст. Ва барои ҳамин, миллатро пора-пора кард: забон ба як сӯ, таърих ба як сӯ, қавмҳо ба як сӯ. Дар қатори ҳазорҳо чинояту хиёнат алайҳи миллат, яке аз гуноҳҳои азими ӯ ба қатл расонидани овозхони мумтоз Аҳмад Зоҳир буд.

(Давом дорад)

Шариф ҲАМДАМПУР

ҲАМКОРӢ

ЧИН ШАРИКИ АСОСИИ ТИҶОРАТИИ ТОҶИКИСТОН



Чин ба шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон мубаддал шуд. Дар панҷ моҳи аввали соли равон ҳаҷми гардиши молу маҳсулот байни ду кишвар ба 964 миллион доллар расид, ки тақрибан 34 дарсад зиёдтар нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 мебошад. Дар ин бора Агентии омори Тоҷикистон иттилоъ медиҳад. Ба иттилои манбаъ, аз ҳаҷми умумии савдо содироти молу маҳсулот аз Тоҷикистон ба Чин зиёда аз 177 миллион доллар ва воридот аз Чин ба Тоҷикистон ҳудуди 787 миллион долларро ташкил додааст. Ҳиссаи Чин дар ҳаҷми умумии савдои хориҷии Тоҷикистон ба 24,8 фоиз баробар шуда, бори аввал аз ҳиссаи Русия (23,2%) бештар мебошад.

ТАҒЙИР ДАР ТИҶОРАТ

Русия тайи 25 соли охир пайваста дар зинаи аввал миёни шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон қарор дошт. Дар панҷ моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми гардиши молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Русия тақрибан 900 миллион долларро ташкил додааст. Аз ҷумла, 42 миллион доллар содирот ва 858 миллион доллар воридот аз Русия сурат гирифтааст. Ин нишондиҳанда афзоиши 9,3 фоизро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар бар мегирад.

АЗ ЎЗБЕКИСТОН ТО ЧИН

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Ўзбекистон шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон ба шумор мерафт. Масалан, дар соли 1995 ҳаҷми савдои дуҷониба байни ду кишвар ба 250 миллион доллар расида буд. Ин ду маротиба бештар аз ҳаҷми умумии савдо бо дигар кишварҳои ИДМ аст. Баъдан, ҳаҷми савдо коҳиш ёфта, то соли 2014 то 13 миллион доллар поён рафт. Аммо, танҳо дар 5 моҳи соли 2025 гардиши мол миёни ду кишвар 238 миллион долларро ташкил додааст.

ЧИН ПЕШСАФ МЕМОНАД

Чин на танҳо дар савдо, балки дар бахши сармоягузорӣ низ мавқеи пешсафро соҳиб шудааст. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ҳаҷми сармоягузориҳои андӯхтаи Чин дар иқтисоди Тоҷикистон то аввали семоҳаи дуюми соли ҷорӣ ба 5,1 миллиард доллар расидааст. Дар муқоиса, ҳаҷми сармоягузориҳои ҷамъшудаи Русия дар иқтисоди кишвар тақрибан 2 миллиард долларро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, Чин қарздиҳандаи асосии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Ҳаҷми қарзи ҷумҳурӣ ба Чин то аввали соли 2025 наздик ба 1 миллиард доллар буда, сеяки қарзи хориҷии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

ЭНЕРГЕТИКА

НИГАРОНИИ ВАЗИРИ ЭНЕРГЕТИКА

Далер Ҷумъа, вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон фаъолияти ҶСК "Шабакаҳои тақсимоти барқ"-ро дар шаш моҳи аввали соли равон ғайриқаноатбахш арзёбӣ кард.

Рӯзи 14-уми июл дар ҷаласаи ҷамъбасти фаъолияти нимсолаи аввал бо иштироки роҳбарияти вазорат ва масъулини соҳавӣ масъалаи иҷрои нақшаҳо ва камбудиҳои ҷойдошта баррасӣ шуд. Вазир таъкид намуд, ки дар самтҳои муҳим, аз ҷумла коҳиши талафоти неруи барқ,

бартарафсозии изофанависӣ, боло бурдани масъулиятшиносии кормандон, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 мушкилоти ҷиддӣ вуҷуд дорад ва ислоҳи онҳо талаботи рӯз аст.



Вазир аз масъулин хост, ки дар робита ба ин тадбирҳои фаврӣ андешанд.

ИҚТИСОДИ МИНТАҚА

РУШДИ ИҚТИСОДИ БАДАХШОН БА 8 ФОИЗ РАСИД

Дар шаш моҳи аввали соли 2025 рушди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон марҳила ба марҳила афзоиш ёфт ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба 873 миллион сомонӣ расид. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8 фоиз зиёд буда, ҳиссаи он ба як сокини вилоят 3 ҳазору 712 сомониро ташкил дод.



Тавре аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ хабар доданд, суръати афзоиши иқтисодӣ дар минтақаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 108 фоизро ташкил дода, нишондиҳандаи рушди кӯтоҳмуддати иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи 1,2 фоиз арзёбӣ мегардад.

Ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ дар ҳамаи бахшҳои хизматгузорӣ ба 85,1 миллион сомонӣ баробар гардид. Дар баробари ин, иҷрои нақшаи андозҳо бо дарназардошти андозҳои иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар вилоят 105,1 фоиз таъмин шуда, ба ҷои 132,8 миллион сомонии нақшавӣ ба буҷет 139,6 миллион сомонӣ ворид гардид.

Дар нимсолаи аввал шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ дар вилоят ба 9 ҳазору 839 нафар расида, танҳо аз ҳисоби фаъолияташон зиёда аз 6 миллиону 928 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид шудааст.

Ҳамзамон, дар вилоят 13 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 283,3 миллион доллар амалӣ шуда истодааст.

Усмон РАҲИМЗОДА

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

7 ҚОИДАИ АСОСӢ БАРОИ САВОДИ МОЛИЯВӢ

Бисёриҳо фикр мекунанд, ки барои зиндагии хуб даромади зиёд муҳимтар аст. Аммо воқеият чунин нест. Маҳорати идора кардани пул, яъне саводи молиявӣ муҳимтар аз худи маблағ аст. 7 қоидаи асосӣ барои саводи молиявӣ ба шумо пешниҳод мешавад, ки на танҳо барои назорати пул, балки ба даст овардани фоида низ муфид аст:

Якум, камтар аз даромад сарф кунед. Пасандоз кардани маблағи хурд, вале мунтазам муҳим аст. Ин оҳиста-оҳиста ба одат табдил меёбад ва захираи муҳими молиявӣ месозад.



Дуюм, "болишти амнияти молиявӣ" дошта бошед. Ин маблағест, ки танҳо дар ҳолатҳои фавқулода сарф мешавад. Мисли бекорӣ, беморӣ, таъмир ё ҳолатҳои изтирорӣ. Маблағи кофӣ барои 6-12 моҳ хароҷоти зиндагӣ аст.

Сеюм, ҳадафҳои молиявӣ гузоред. Барои ноил шудан ба чизҳои муҳим, мисли хариди мошин, таътил ё таъмир, шумо бояд донед, ки чӣ қадар маблағ лозим аст, дар чӣ қадар муҳлат мехоҳед ба ҳадаф расед.

Чорум, аз хизматрасониҳои бонкӣ фоида гиред. Масалан, бонкҳо аксияҳои гуногун, мукофотпулиҳо, кэшбэкҳои фоиданок доранд. Бо интихоби дуруст шумо метавонед сарфа кунед ва даромади бештар ба даст оред.

Панҷум, қарзро ба мақсад мувофиқ ва бо масъулият гиред. Зеро қарз воситаи молиявӣ аст, на наҷотдиҳанда. Пеш аз қарз гирифтан, пардохтҳоро ҳисоб кунед ва шароитро бодиққат омӯзед. Ба қарзҳои бо фоизи баланд ва шартҳои номаълум наздик нашавед.

Шашум, назорати хароҷотро ба одат табдил дихед. Бо истифода аз барномаҳои онлайнии бонк метавонед хароҷотро гурӯҳбандӣ ва таҳлил кунед. Ин кумак мекунад, ки хароҷоти беҳуда кам ва пасандозҳо зиёд шаванд.

Ҳафтум, аз маълумоти молиявӣ ҳамеша огоҳ бошеду пайгирӣ кунед.

Яъне, хабарҳои иқтисодӣ ва навгонӣ дар соҳаи молия метавонанд ба қабули қарорҳои шумо таъсир расонанд. Барои мисол, тағйири фоизи пасандоз ё арзиши асъор.

Хулоса, саводи молиявӣ барои маҳдуд кардани худ не, балки назорати пул ва ба даст овардани фоида аст. Ҳар шахс метавонад ин малакаҳоро омӯзад ва дар зиндагии худ татбиқ намояд. Бо баланд бардоштани саводи молиявии худ, шумо на танҳо пул, ҳатто зиндагии худро идора мекунед.

ПРЕЗИДЕНТ

(Аввалаш дар саҳ. 2)

Хати оби ошомиданӣ тариқи чоҳи амудӣ аз умқи 35 метр ба воситаи обкашҳои махсуси барқӣ бароварда шуда, ба минтақаҳои аҳолинишин, ки дуртар аз сарчашмаҳои он қарор доранд, дастрас карда шуд.

КОРХОНАИ «ПАҲНДАРА МАЙНИНГ»

Дар идомаи сафари корӣ Сарвари давлат ба таври мачозӣ ба корҳои сохтмонии корхонаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Паҳндара Майнинг» оғоз бахшиданд.

Иттилоъ дода шуд, ки корхонаи мазкур давоми чор сол ба корҳои омӯзишию геологӣ дар зуҳуроти сурмаи Паҳндараи ноҳияи Айнӣ машғул буд. Дар ин муддат дар майдони зиёда аз 600 гектар ин корҳоро ба роҳ мондааст. Корҳои пармагарӣ бошад, ба андозаи аз 20 ҳазор метр ва дигар чораҳои омӯзишию геологӣ дар ин давом ичро гардидааст. Ҷараёни сохтмон зери назорати мутахассисону меъморони сатҳи ҷаҳонӣ қарор дорад.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол аз ҳисоби истихрочи маъдан зиёда аз 150 ҳазор тонна, ҳаҷми истеҳсоли консентрати сурма то 50 ҳазор тонна бо таркиби то 35 фоиз сурма ва иқтидори солонаи корхонаи истеҳсоли маъдани сурма то 5 ҳазор тонна маҳсулоти тайёр пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, зимни сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Айнӣ ба таври фосилавӣ ба фаъолияти 4 корхонаи саноатӣ, 2 мактаби таҳсилоти миёна ва 6 кӯдакистон оғоз бахшида шуд. Аз чумла, корхонаи “АРБ Минералс ГРУПП” бо иқтидори коркарди то 100 тонна сурма дар рӯз ва ҶСК “Ангишти Тахт” бо иқтидори 90 ҳазор тонна ангишт дар сол ба фаъолият оғоз карданд.

ПАНҶАКЕНТ



КӮДАКИСТОНИ «НИЛУФАР»

11-уми июл дар идомаи сафари Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар деҳаи Навободи ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералии шаҳри Панҷакент муассисаи таҳсилоти томактабии «Нилуфар» мавриди истифода қарор гирифт.

“Муассисаи навбунёд сеошёна буда, барои ба тарбияи томактабӣ фаро гирифтани 300 кӯдак бунёд гардидааст”,- иттилоъ медиҳад хадамоти матбуоти Президенти кишвар.

МАКТАБИ МУОСИР БАРОИ НАСЛИ ОЯНДА

Дар идома Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Панҷакент Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №115-ро ифтитоҳ намуданд. Иншооти нави таълимӣ барои 800 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин, дар ҳамин ҷо Сарвари давлат ба таври фосилавӣ фаъолияти як қатор иншоот, аз ҷумла муассисаи таълимии томактабӣ дар деҳаи Сучина барои 120 кӯдак, бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаи Косатарош барои 520 хонанда дар ду баст, синфхонаҳои иловагӣ дар деҳоти Сор барои 120 хонанда, бинои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар маркази шаҳр бо 63 ҷойи корӣ, бинои Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар деҳоти Саразм, бинои ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ ва меҳмонхонаи Фаризи дорои 60 ҳуҷра дар маркази шаҳри Панҷакентро ифтитоҳ намуданд.



БЕМОРХОНАҲОИ МУОСИР - ҲАДАФ ҲИФЗИ САЛОМАТИИ МИЛЛИОНҲО

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 11-уми июл дар деҳоти Лоиқ Шералии шаҳри Панҷакент беморхонаи минтақавии дорои 100 кат ва таҷҳизоти пешрафтаро кушоданд. Ин муассиса ба зиёда аз 25 ҳазор нафар аҳолӣ, аз ҷумла сокинони ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ хизмат мерасонад. Сохтмон бо дастгирии мақомот ва дар тӯли 3 сол бо ҷалби 200 коргар анҷом ёфтааст. Ҳазамон, пас аз шиносоӣ бо шароити беморхона Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон тариқи мачозӣ 5 иншооти дигари тандурустиро ифтитоҳ намуданд.

Филиали муассисаи давлатии маркази стоматологӣ дар маркази шаҳри Панҷакент, 3 маркази саломатӣ дар деҳаҳои Равот, Кӯҳдоман, Шӯрнова ва бинои иловагӣ барои беморони Муассисаи давлатии беморхонаи пӯст ва зуҳравӣ дар деҳоти ба номи Лоиқ Шералӣ бо саҳми сокинону соҳибкорон, дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Тоҷикистон ва Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент бунёд шудаанд.

РУШДИ САНОАТ. ИСТЕҲСОЛИ 4500 ШИФЕР ДАР ЯК РӮЗ

11-уми июл бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Сӯчинаи шаҳри Панҷакент корхонаи нави истеҳсоли шифер ба кор даромад. Корхона бо истифода аз технологияҳои муосир ҳар рӯз то 4500 шифер истеҳсол мекунад, ки сифати баланди тобовариро дорад.

Ҳамчунин, дар намоишгоҳи назди корхонаи мазкур 43 намуди маҳсулоти корхонаҳои Панҷакент муаррифӣ шуд. Иттилоъ дода шуд, ки дар 5 моҳи соли 2025 корхонаҳои саноатии шаҳр ба маблағи наздики 3 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд.

ТЕХНОЛОГИЯИ КОРЕЯ ВА ЧИН ДАР ГАРМХОНАИ «МОҒИЁН-АГРО»

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Панҷакент аз гармхонаи «Моғиён-Агро» боздид ба амал оварданд. Ин гармхона бо иқдоми соҳибкор Муродқул Юсуфов ва бо истифода аз технологияҳои муосири Кореяи Ҷанубӣ ва Чин бунёд шуда, сабзавот бо усули обёрии қатрагӣ парвариш карда мешаванд. Дар гармхона, ки масоҳати он як гектарро ташкил медиҳад, то 50 тонна маҳсулоти босифат дар як сол истеҳсол мегардад.

Зикр гардид, ки ҳоло дар шаҳри Панҷакент 110 гармхона ва 27 сардхона мавчуд буда, бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза таъмин мешавад.

ИНШООТИ НАВ, РУШДИ САНОАТ ВА ОБОДОНӢ

Дар маркази шаҳри Панҷакент Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи як қатор иншооти муҳими ичтимоӣ ва иқтисодӣ бо роҳбарон ва фаъолони шаҳр мулоқот намуданд.

Таъкид гардид, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои рушди соҳаҳои мухталифи шаҳри Панҷакент, бартарафсозии мушкилоти ичтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум беш аз 9,3 миллиард сомонӣ равона гардидааст. Танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои тараққиёти шаҳр 2,6 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди шаҳр 26 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 1,4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло татбиқи боз 6 лоиҳа ба маблағи умумии зиёда аз 100 миллион сомонӣ идома дорад.

ДЕВАШТИЧ





ДАР СУҒД

МАРКАЗИ НАВИ САЛОМАТӢ ДАР ДЕҲАИ ҚАЛЪАИ ДӮСТ

12-уми июл Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Деваштич бинои нави маркази саломатиро, ки бо маблағгузории мақомоти маҳаллӣ ва саҳми сокинон бо харҷи 6,5 миллион сомонӣ сохта шудааст, мавриди бахрабардорӣ қарор доданд. Марказ бо 18 ҳуҷра ва шароити муосир ба 1600 оила ва беш аз 6700 сокини деҳа хизмат мерасонад.

ИҚДОМИ НАМУНАВӢ ДАР ҚАЛЪАИ ДӮСТ

Дар идома Президенти кишвар дар деҳаи Қалъаи Дӯсти ноҳияи Деваштич коргоҳи нави пойафзол ва маводи шустушӯии “Раҳматулло”-ро ифтитоҳ намуданд. Коргоҳ бо иқтидори истеҳсоли 5200 ҷуфт пойафзол ва то 500 ҳазор дона собун дар як сол фаъолият мекунад. Иншоот бо ташаббуси соҳибкори маҳаллӣ Раҳматулло Нуруллоев ва бо сармоягузории зиёда аз 3 миллион сомонӣ бунёд шуда, наздики 40 нафар сокини маҳаллиро бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудааст.

ЗАНОНИ ҲУНАРМАНД СОҲИБИ КОР ШУДАНД

Коргоҳи дӯзандагӣ ва қолинбофии “Ёсуман” дар деҳаи Басмандаи деҳоти Ваҳдати ноҳияи Деваштич низ бо иштироки Президенти кишвар ба истифода дода шуд. Коргоҳ аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Имомиддин Ғафуров бо мақсади рушди саноат ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ бунёд шуда, барои 40 нафар - асосан занону ҷавондухтарони маҳаллӣ ҷойи кори доимӣ фароҳам овардааст.

Ҳамчунин, дар ноҳияи Деваштич бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон 5 кӯдакистон, муассисаи таълимӣ, толори варзишӣ ва бинои маъмурии Кумитаи ичроияи ноҳиявии ҲХДТ ба таври фосилавӣ ифтитоҳ ёфтанд.

ҲАДАФ 1 МИЛЛИОН ТОННА КАРТОШКА

12-уми июл дар ҳузури Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Басмандаи ноҳияи Деваштич хати оби полезӣ бо се чоҳи амудӣ ба истифода дода шуд, ки масофаи он беш аз 9 километрро ташкил медиҳад.

Баъди ба истифода додани ин хати об, масоҳати заминҳои обии саҳмдорони хоҷагии деҳқонии “Ҳотам Қурбонов” аз 375 ба 800 гектар расид, ки дар он асосан картошка парвариш мешавад. Танҳо дар заминҳои навобёрии ин минтақа 500 гектар картошка кишт шудааст ва 1000 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд.

Пешвои миллат таъкид карданд, ки истеҳсоли картошка дар ноҳияи Деваштич бояд то соли 2030 ба 500 ҳазор тонна ва то соли 2050 ба 1 миллион тонна расонида шавад.







НАВСОЗИИ МАКТАБИ САНЪАТ

13-уми июл Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бӯстон бинои нави Муассисаи давлатии “Мактаби санъати ба номи Шодмон Алифов”-ро ифтитоҳ карданд. Бинои мактаб, ки се ошёна ва таҳхона дорад, бо дастгириҳои бевоситаи Сарвари давлат ва Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон аз нав таъмиру таҷдид шуд. Мактаб дорои 47 синфхона, толори консертӣ бо 100 ҷойи нишаст ва ҳуҷраҳои махсус барои омӯзгорон мебошад.

Дар мактаб ба наврасони 7 то 10-сола дар 5 шуъба омӯзиши навъҳои гуногуни санъат, аз ҷумла созҳои мусиқӣ, рассомӣ, гулдӯзӣ ва дигар ҳунарҳо ба роҳ монда шудааст.

КОРХОНАИ НАВИ САНОАТӢ БО САРМОЯИ 25 МИЛЛИОН СОМОНӢ

13-уми июл бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар минтақаи саноатии шаҳри Бӯстон корхонаи нави истеҳсоли газаблоки Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Хишти муосири аълосифат” мавриди бахрабардорӣ қарор дода шуд.

Ин корхона бо сармоягузории 25 миллион сомонӣ ва бо истифода аз тачҳизоти муосир, ки асосан аз хориҷи кишвар оварда шудааст, иқтидори истеҳсоли 250-300 метри мукааб газаблок дар як шабонарӯзро дорад. Дар корхона 60 нафар сокини маҳаллӣ бо кор таъмин шудаанд.

МЕҲМОНХОНАИ “КАЙҲОН” ВА ТАРАБХОНАИ НАВ ДАР ФУРУДГОҲ

13-уми июл бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон меҳмонхонаи муосири панҷошёнаи “Кайҳон” дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд” ба истифода дода шуд. Меҳмонхона дорои 90 ҳуҷраи стандартӣ ва толори маҷлисӣ бо 40 ҷой мебошад. Он метавонад ҳамзамон то 188 нафар меҳмононро олимақомро қабул намояд. Ошёнаи аввал бо мизу курсӣ ва гӯшаи намоишу фурӯши армуғонҳои миллӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Ҳамчунин, дар ҳузури Сарвари давлат дар шафати маҷмааи “Кайҳон”-и ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд” бинои нави тарабхона ифтитоҳ ёфт. Тарабхона аз се ошёна иборат буда, дар ошёнаи якум ошхонаи замонавӣ бо 300 ҷойи нишаст фароҳам оварда шудааст.

Дар ҳамин ҷо мулоқоти Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо 100 ятими куллӣ ва шахсони имконияташон маҳдуд аз шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров ва Конибодом баргузор гардид. Зимни мулоқот Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини шароити хуби таҳсил ва зиндагии шоистаи онҳо пайваста чораҳои зарурӣ, саривақтӣ ва муассир меандешад.

ХУҶАНД

ИФТИТОҲИ ФАКУЛТЕТИ РАҚАМИ 4-И АКАДЕМИЯИ ВКД

13-уми июл бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бинои Факултети №4-и Академияи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Хуҷанд ифтитоҳ гардид. Иншооти нави таълимӣ аз 6 ошёна, таҳхона, 12 синфхонаи барҳаво, маҷлисгоҳ бо 500 курсӣ, хобгоҳ бо 176 ҷои хоб ва ошхона иборат мебошад.

КОРХОНАЮ КОРГОҲҲОИ “СИРДАРЁ”

13-уми июл бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд якчанд корхонаю коргоҳҳои ҶДММ “Сирдарё” ифтитоҳ ёфтанд. Дар маросими ифтитоҳ аввал корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонии пенополистролӣ бо истифода аз технологияи пешрафтаи аврупоӣ кушода шуд. Истеҳсоли маҳсулот бо ашёи хоми воридотӣ аз Эрону Чин дар ин корхона бо иқтидори то 150 метри мукааб дар як давра ба роҳ монда шудааст. Корхона иқтидор дорад, ки дар 1 моҳ аз 3 то 3,2 ҳазор метри мукааб ва дар 1 сол 40 ҳазор метри мукааб ин маҳсулоти сохтмониро истеҳсол ва ба бозор пешниҳод намояд. Сипас, Президенти мамлакат чор коргоҳи нави истеҳсолиро низ ифтитоҳ карданд, ки истеҳсоли сарпӯшҳои металлӣ, нӯшокиҳои ташнагишикан, коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли яхро дар бар мегиранд.

Дар соҳили дарёи Сир ҷоҳи амудии таъминоти оби тоза бо чуқурии 132 метр сохта шудааст, ки барои таъмини сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда аҳамияти калон дорад.

ҶДММ “Сирдарё” дар афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, номгӯй, навъу намуд, маҳсулоти мутобиқ ба сифату стандарт, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ ва содирот саҳми арзанда дорад. Масалан, ҷамъият то ин давраи соли равон беш аз 120 тонна зардолуи тари хоҷагиҳои ноҳияҳои Ашту Бобоҷон Ғафуровро қабулу коркард ва аз он маҳсулоти консервагӣ истеҳсол намудааст.

Дар 6 моҳи соли равон ба маблағи наздики 600 ҳазор сомонӣ афшураҳои меваю сабзавот аз ҷамъият ба хориҷи кишвар содир карда шудааст.

БӮСТОН





РУШДИ ХУРОСОН БА ТУФАЙЛИ ЗАҲМАТҲОИ СОФДИЛОНА

Ноҳияи Хуросон яке аз ноҳияҳои рушдкардаи вилояти Хатлон бо таърихи куҳан мебошад. Ба гуфтаи раиси ноҳияи Хуросон Суризода Носир Мурод, ба туфайли заҳмати софдилонаи сокинони меҳнатқарин вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар шаш моҳи соли 2025 беш аз пеш беҳтар гардидааст.







ИҶРОИ БУҶЕТ

Нақшаи қисми даромади буҷети ноҳияи Хуросон бо дарназардошти андози иҷтимоӣ 125 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 34 млн 175 ҳазору 779 сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 6 млн 885 ҳазору 265 сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети ноҳия 45 млн 742 ҳазору 813 сомонӣ маблағҳои мақсаднок (субвенсия) чудо карда шудааст.

Қисми харочоти буҷети ноҳия 102 фоиз иҷро гардидааст. Нақшаи умумии харочотҳо дар шаш моҳи соли 2025-ум 76 млн 418 сомонӣ муқаррар шуда, 77 млн 072 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст.

СОҲИБКОРӢ, САРМОЯГУЗОРӢ ВА САНОАТ

Дар шаш моҳи соли 2025 шумораи умумии андозсупорандагон 26991 адад буда, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ 336, соҳибкорони инфиродӣ 186, тибқи патент фаъолияткунанда 226, хоҷагиҳои деҳқонӣ 1490, соҳибкорони бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда 530 соҳибкор ба андозбандӣ ҷалб гардида, аз ҳисоби онҳо 28 млн 350 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст.

Дар ноҳия 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умуми 71 млн 838 ҳазор доллари амрикӣ амалӣ шудааст.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Хуросон барои солҳои 2021-2025, ки 103 лоиҳаро ба маблағи 228 млн сомонӣ дар бар мегирад, ба ҳолати 1-уми июли соли 2025-ум 56 лоиҳа ба маблағи 170 млн 76 ҳазор сомонӣ (74,5 фоиз) ба иҷро расидааст.

Дар зарфи солҳои Истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон додааст, ки дар ноҳия беш аз 38 корхонаи саноатӣ мавҷуд буда, ба ҳолати имрӯза пурра фаъолият карда истодаанд. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 31 млн 094 ҳазор сомонӣ расонида шудааст.

Танҳо дар шаш моҳи соли 2025 аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ 2 коргоҳи саноатӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

РУШДИ КИШОВАРЗӢ

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 452 млн 783 ҳазору 300 сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12 млн 885 ҳазору 300 сомонӣ зиёд ва афзоиш 102,9 фоизро ташкил медиҳад.

Ба ҳолати 1-уми июли соли 2025 дар майдони 15603 гектар кишти барвақтии зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст. Кишоварзони ноҳия бахри самаранок истифода бурдани замин ва гирифтани на камтар аз ду ҳосил ҳамаи имкониятҳоро истифода бурда, ба ҳолати 1-уми июли соли 2025 дар майдони 1700 га кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ гузаронидаанд.



Дар ин давра саршумори чорвои калони шоҳдор ба 50324 сар, чорвои майда ба 130348 сар, саршумори паранда ба 93232 сар ва асп ба 7493 сар расонида шудааст.

МАОРИФ ВА ИЛМ

Дар 63 муассисаи таълимии ноҳия 36 ҳазору 648 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки ба онҳо 1863 омӯзгор, аз ин 1000 зан таълим медиҳанд. Бо маълумоти олӣ 1227 нафар, 566 нафар бо маълумоти миёнаи махсус, 70 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ, аз онҳо 70 нафар дар курсҳои гуногун ғоибона таҳсил намуда истодаанд.

Дар 4 муассисаи томактабӣ 544 кӯдак дар 18 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, дар назди 62 муассисаи таълимии ноҳия 72 маркази инкишофи барвақтии кӯдак, 154 гурӯҳ бо фарогирии 4000 нафар кӯдак таъсис дода шуда, бо назаргирии муассисаҳои томактабии ноҳия, дар маҷмуъ 4536 нафарро ташкил медиҳад.

Хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таълимии ноҳия дар озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” дар даври аввал 4943 нафар иштирок намуда, ба даври дуюм 852 нафар ва ба даври сеюм 43 нафар роҳхат гирифтаанд.

СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

Дар соҳаи тандурустии ноҳия 1121 нафар кормандон фаъолият менамоянд, аз ин бо категорияи олӣ 140 духтур, кормандони миёнаи тиб 538 нафар ва дигар кормандон 443 нафар фаъолият карда истодаанд.

Беморхонаи марказӣ аз 7 шуъбаи бистарикунонӣ, 1 шуъбаи ёрирасон ва 4 ҳучраи ташхисию ёрирасон иборат мебошад. Дар ин давра 3 ҳазору 865 бемор бистарӣ карда шудаанд, ки аз ин шумора 3 ҳазору 835 нафари онҳо ҷавоб дода шудаанд.

ФАРҲАНГ, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲӢ

Дар ноҳия 28 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 5 хонаи фарҳангӣ, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона, 17 китобхонаи деҳотӣ, 1 боғи фарҳангӣ-истироҳатӣ, 1 осорхона ва 1 мактаби санъати бачагона ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд. Дар 20 китобхона 85 ҳазору 440 нусха китоб маҳфуз буда, аз ин шумора 29 ҳазору 167 нусха китоб бо забони давлатӣ, 46 ҳазору 61 нусха бо забонҳои русӣ ва 10 ҳазору 212 нусха бо дигар забонҳо мебошанд.

Майдончаҳои варзишӣ 204 ва 19 адад толорҳои варзишӣ мавҷуд мебошад. Муассисаи мактаби варзишии кӯдакон ва наврасони ноҳия фаъолияти худро аз рӯи 6 намуди варзиш барои тамрини 248 нафар кӯдакон ба роҳ мондааст.

Ҷавонони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии вилоятию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 110 медал, аз ҷумла 34 медали тилло, 34 медали нуқра, 41 медали биринчӣ ва 1 медали байналмилалӣ гардидаанд.

Дар ноҳия 1 меҳмонхонаи замонавӣ ва 5 тарабхона фаъолият дошта, теъдоди сайёҳони хориҷию дохилии ба ноҳия ворид-шуда дар шаш моҳи соли 2025-ум 6353 нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2240 нафар зиёд мебошад.

ОМОДАГӢ БА ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Тавре раиси ноҳияи Хуросон Суризода Носир Мурод изҳор медорад, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат ва ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия тадбирҳои зиёд роҳандозӣ карда шудаанд.

Аз ҷумла, дар доираи нақшаи чорабиниҳои корҳои ободонию бунёдкорӣ ва созандагӣ бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳия бунёди 239 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст, ки то ба имрӯз 174 иншоот мавриди истифода қарор гирифта, ин нишондод 72,8 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Машраби АЛОВИДДИН

ДАР ТОҶИКИСТОН ЧАНД НАФАР ЗИНДОНӢ АСТ?

Дар зиндонҳои Тоҷикистон зиёда аз 15 ҳазор маҳбус адои ҷазо мекунанд. Ин омор дар гузориши ахири Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон омадааст.



Омори ахир дар бораи теъдоди маҳбусон дар Тоҷикистон моҳи январи соли 2024 нашр шуда буд. Он вақт шумораи зиндониён 13,5 ҳазор кас гуфта мешуд.

Нигаронӣ аз зиёд будани маҳбусон дар зиндонҳои Тоҷикистон борҳо садо додааст. Аз ҷумла, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли гузашта се зиндони вобаста ба Вазорати адлияро барои аз меъёр зиёд нигоҳ доштани маҳкумшудаҳо танқид намуд.

Бар асоси гузориши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, соли 2024 дар маҷмуъ 15 ҳазору 600 маҳкумшуда аз ташхиси вирусии норасоии масунияти бадан гузаронида шуданд.

Манбаъ мегӯяд, ки аз миёни маҳбусон 30 нафарашон гирифтори ВНМО будаанд. “Ин маҳкумшудагон то лаҳзаи ба муассисаҳои ислоҳӣ ворид шуданашон ба чунин бемориҳо гирифтор будаанд”,- омадааст дар гузориши Омбудсмен.

ХУДКУШИИ 50 НАФАР ДАР ХАТЛОН




Дар вилояти Хатлон дар 6 моҳи соли равон 66 қасди худкушӣ сабт шуда, ки аз ин 47 тан ҳалок ва 19 нафар зинда мондаанд. Ин нишондиҳанда назар ба соли гузашта 5 ҳолат кам аст.

Аз Прокуратураи вилояти Хатлон хабар медиҳанд, ки аз ин теъдод 31 мард ва 35 зан қасди худкушӣ кардаанд. Дар байни инҳо 19 ноболиғ будаанд.

Омори нафароне, ки қасди худкушӣ кардаанд, дар шаҳру навоҳӣ чунин аст:

- Қубодиён - 7 нафар;
- Шаҳритус - 5 нафар;
- Бохтар - 4 нафар;
- Кӯлоб - 4 нафар;
- Вахш - 4 нафар;
- Фархор - 4 нафар;
- Левакант - 3 нафар;
- Кӯшониён - 3 нафар;
- Хуросон - 3 нафар;
- Абдураҳмони Ҷомӣ - 2 нафар;
- Ҳамадонӣ - 2 нафар;
- Данғара - 2 нафар;
- Панҷ - 1 нафар;
- Носири Хусрав - 1 нафар;
- Темурмалик - 1 нафар;
- Дӯстӣ - 1 нафар;
- Муъминобод - 1 нафар;
- Шамсиддини Шоҳин - 1 нафар.



БЕЛАРУС ЯК ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОНРО БА РУСИЯ ДОД

Мақомоти интизомии Беларус як шаҳрванди Тоҷикистонро, ки ба ғоратгарӣ дар Русия муттаҳам мешавад, ба ин кишвар супурдаанд.

Шӯрои ҳамоҳангсози додситониҳои кишварҳои муштаракулманофеъ дар як баёнияи расмӣ хабар додааст, ки Зикриоллоҳ Зуҳурзодаро ба Русия супурдаанд, то барои ғорати ду нафар дар назди як маркази тиҷоратӣ дар Маскав ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Дар ин баёния омадааст, ки Зикриоллоҳ Зуҳурзода ҳамроҳ бо як шарикаш ба ду нафар дарафтода, "аз ҷабрдидагон 5,8 миллион рублро рабудаанд".

Ҷузъиёти дигаре дар бораи ин ҳодиса нест, вале хабаргузории давлатии ТАСС рӯзи 12-уми ноябри соли 2023 гузориш додааст, ки дар ин рӯз ду фарди ношинос ба рӯи ду нафар газ пошида, онҳоро латукӯб кардаанд, бинии якеро ҳам шикастаанд ва 5,8 миллион рубли ӯро ғорат кардаанд.

Дар хабари ТАСС омадааст, ки фарди ҷабрдида ва ғоратшуда шаҳрванди Чин мебошад.



ХУДКУШИИ ҲАМСАР АЗ ҶАБРИ ШАВҲАР

Мақомоти милитсия дар шимоли Тоҷикистон мардеро аз рӯи иттиҳоми ба худкушӣ расонидани ҳамсараш боздошт кардааст. Исми ин хонавода маълум нест, вале дар хабари ВКД аз рӯзи 12-уми июл ҷузъиёти фоҷеа дар ноҳияи Зафаробод нашр шудааст.

Бино ба ин хабар, марди 34-сола “муддати зиёд” бо ҳамсари 28-солааш ҷангу ҷанҷол намуда, ӯро ба худкушӣ расонидааст. Дар хабари расмӣ омадааст, ки “бинобар муомилаҳои бераҳмона ва ҷабру зулми шавҳараш” рӯзи 10-уми июл зан дар оғилхонаи манзили истиқоматиаш худро ба дор овехтааст.

Аз рӯи қисми 2, моддаи 109-и Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон, яъне “Ба худкушӣ расонидан” парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, тафтиш идома дорад.



СОБИҚ РЕКТОР УСМОНЗОДА 7 СОЛ ҲАБС ШУД

Аюб Усмонзода, ректори пешини Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои гирифтани пора гунаҳкор ва ба 7 соли зиндон маҳкум шудааст.

Як манбаъ аз Суди вилояти Суғд ба “Азия-Плюс” хабар дод, ки Аюб Усмонзода барои гирифтани пора ба миқдори калон аз сӯйи шахси мансабдор (моддаи 319, қисми 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) гунаҳкор ва ба 7 соли зиндон маҳкум карда шуд. Ҳукми ӯ 26-уми июни соли 2025 содир шудааст.

Вале мақомоти расмӣ иттилоъ надоданд, ки сухан сари чанд пул меравад ва ректор онро дар кадом шароит гирифтааст.


Тафсилоти бештар оид ба ин қазия ҳоло дастрас нест.

Ҳамчунин, назари маҳкумшуда, наздиконаш ва ё вакили дифои ӯ ба ин ҳукм номаълум аст. Талошҳои мо барои тамос бо онҳо бенатиҷа анҷомид.

Бояд гуфт, Аюб Усмонзода 11-уми марти соли ҷорӣ аз сӯйи мақомоти амнияти вилояти Суғд боздошт гардида буд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки Аюб Усмонзода дар пайи боздошти Парвиз Рӯзизода, декани факултети биология ва химияи ин донишгоҳ дастгир шуд. Аммо маълум нест, ки боздошти онҳо то кучо ба ҳам алоқамандӣ дорад.

Парвиз Рӯзизода як моҳ пеш, 13-уми июни соли 2025, баъди талаби айбдоркунандаи давлатӣ дар боздоштгоҳ дар гузашт.



ТАРБУЗ

Вазнро кам мекунаду ба дил неру мебахшад

Тарбуз маҳсулоти полезии серистеъмол буда, дар таркиби он сафеда, қанд, карбогидратҳо, оҳак, магний, калий, фосфор, натрий, калтсий, витаминҳои B1, B2, B6, B9, C, PP ва каротин зиёд аст.

Тарбуз хосияти пешобронӣ, зардаронӣ, салқинкунанда, зиддиварамӣ, антидепрессантӣ ва тақвиятдиҳандаро дорост. Гурдаҳоро аз токсину ҳар гуна таҳшинҳо пок менамояд. Баъди табобат бо антибиотикҳо истеъмоли тарбуз муфид аст, зеро микрофлораи рӯдаро барқарор месозад. Бинобар доштани хосияти ишқорӣ санги гурдаро майда мекунад.

Барои кам кардани вазн тарбуз воситаи бехтарин ба шумор меравад. Ташнагишикан буда, эҳсоси гуруснагиро рафъ месозад. Истеъмоли тарбуз раванди ҳазмро бехтар менамояд. Фруктозаи тарбуз аз қанд дида муфидтар аст. Сатҳи холестеринро паст мекунад. Раванди мубодилаи моддаҳоро бехтар мегардонад. Таъсири зиёдатии кислотаро рафъ менамояд. Истеъмоли тарбуз масунияти организмро тақвият мебахшад.

Чайқонидани гулӯ бо шарбати тарбуз дарди гулӯро давост. Истеъмоли бардавоми тарбуз нури чашмро нигоҳ медорад. Тарбуз бехтарин ғизо барои гирифторони бемории камхунӣ, санги гурда, атеросклероз, фишорбаландӣ, фарбеҳӣ, диабети қанд, артрит, гепатит, санги талха, гастрити музмин мебошад.

ТУХМИ ТАРБУЗРО НАПАРТОЕД!

Бисёр одамон намедонанд, ки тухми тарбуз манбаи табиии витаминҳо ва минералҳо мебошад!

Мо аз онҳо чӣ мегирем?

- Протеин - барои мушакҳо ва пӯст;

- Равғанҳои солим - барои дил;

- Магний, рух, мис - барои системаи асаб ва иммунитет.

Тухми тарбузро бо роҳи хушк кардан ё каме бирён карда хӯрдан аз ҳама самараноктар аст!

ПӮСТИ ТАРБУЗ ҲАМ ДОРУСТ!

Яке аз манфиатҳои назарраси пӯсти тарбуз дар он аст, ки барои системаи дилу рагҳо бениҳоят фоидаовар аст.

Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки хӯрдани тарбуз ва пӯсти он метавонад фишори хунро паст кунад.

Маҳсулот инчунин як диуретики аъло буда, барои онҳое, ки аз фишори баланди хун азият мекашанд, тавсия дода мешавад.

Истеъмоли мунтазами тарбуз ба коҳиш додани хатари сактаи дил ва кам кардани сарбории системаи дилу раг мусоидат мекунад.

ҶАРРОҲӢ БО УСУЛИ МУОСИР

Чанд рӯз қабл дар шуъбаи ҷарроҳии умумии МД “Маркази миллии тиббии Тоҷикистон “Шифобахш” бо роҳбарии ректори Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, доктори илмҳои тиб, профессор, ҷарроҳ ва эндоҷарроҳ Нуриддин Муҳиддин сеюмин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аввалин бор дар муассисаи номбурда бо ташхиси гиреҳи сипаршакл ба бемор, сокини шаҳри Душанбе Хайруллоева Инобат амалиёти ҷарроҳии буриши ғадуди сипаршакл бо усули ҷадид - ба таври эндоскопӣ, яъне бе буриши зиёди ҷисми бемор бо муваффақият гузаронида шуд.



Маврид ба ёдоварист, ки қаблан дар Тоҷикистон барои чунин беморон ҳамагӣ ду маротиба - моҳҳои январ ва октябри соли 2022 бо усули эндоскопӣ амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шуда буд.

Болтуев Комрон, табиби ҷарроҳ, ки бо роҳбарии доктори илмҳои тиб, профессор Нуриддин Муҳиддин амалиёти ҷарроҳии мазкурро гузаронидааст, иброз медорад, ки маъмулан амалиётҳои ҷарроҳӣ барои ингуна беморон ба таври кушода гузаронида мешаванд, ки чунин ҳолат агар аз як ҷониб бинобар сабаби буриши девораи пеши гардан ба намуди эстетикии бемор таъсир расонад, аз ҷониби дигар муҳлати табобат ва бистарии беморро низ дар беморхона зиёд менамояд.

Ба гуфтаи номбурда, бартарияти усули нави ҷарроҳӣ дар он аст, ки дар девораи пеши гардани бемор захми пас аз ҷарроҳӣ мушоҳида намешавад ва барои гирифтани ғадуди зери сипаршакл ба таври эндоскопӣ танҳо се захми аз 0,5 см то 1 см гузаронида мешаванд, ки ин ҳолат барои бемор бисёр сабук аст.

Бинобар ин, дар бемор дардҳои зиёди пас аз ҷарроҳӣ мушоҳида карда намешаванд ва ҳамзамон муҳлати бистарӣ гардидани беморон дар беморхона низ хеле кам мегардад. Масалан, агар пас аз амалиёти ҷарроҳии кушода ингуна беморон то 10 рӯз дар беморхона бистарӣ гарданд, бо усули эндоскопӣ онҳо баъди аз 3 то 5 рӯз ба хона рухсат дода мешаванд.

Бемор, сокини шаҳри Душанбе Хайруллоева Инобат мегӯяд, шаш моҳ пеш ташхис нишон дод, ки ӯ гирифтори бемории ғадуди зери сипаршакл мебошад ва ин ҳолат боиси нафастангӣ, аз ҳуш рафтан, асабоният ва беиштиҳоии номбурда гашт.

Хушбахтона, баъди амалиёти ҷарроҳӣ бо усули эндоскопӣ ҳолати нафаскашии бемор пурра барқарор шуда, нишонаҳои қаблии ин беморӣ аллакай дар ӯ гум шудаанд ва номбурда ҳоло худро хеле хуб ҳис мекунад.

Дар ҳамин ҳол, мутахассисони соҳа иброз медоранд, ки бемории ғадуди зери сипаршакл бемориест, ки бештар дар синну соли аз 20 то 40-сола мушоҳида мешавад.

Тақвими

Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар зиндагиятон ҳодисаи ногаҳоние рух дода, боиси изтироб ва ташвишатон мегардад. Аз дидаву шунидаатон шитобкорона хулосабарорӣ накунед. Нафарони муҷаррад ба доми фиреб афтоданашон имконпазир аст.

Саратон
22.06 - 23.07

Давоми ҳафта дар оилаатон ҳодисаи ногаҳоние сар мезанад, ки то охири сол нақшаву ниятҳоятонро тағйир медиҳад. Аз муноқиша бо нафароне, ки дар давоми ҳафта корҳои муштараки муҳимро бояд ба анҷом расонед, худдорӣ намоед.

Мизон
25.09 - 22.10

Давоми ҳафта нақшаву ниятҳои худро амалӣ сохтан душвор мегардад. Сабаб дар он аст, ки атрофиён шуморо дуруст дарк карда наметавонанд. Ақидаи эшонро ба инобат гирифтан ё ба хотири сар назадани моҷаро рад кардан аз худатон вобастагӣ дорад.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Давоми ҳафта хабари барпо гаштани тӯйи арӯсӣ, фотеҳатӯй ва ба хостгорӣ рафтани нафареро мешунавед. Агар муҷаррад бошед, дар ҳаёти шахсиятон тағйирот имкон дорад. Дар бораи шиносҳои худ хабарҳои бад мешунавед. Сар задани садама ё нохушӣ эҳтимол дорад.

Савр
21.04 - 21.05

Дар давоми ҳафта ҳодисаҳои гуногуне имкон доранд, ки бо хешовандонатон алоқамандӣ доранд. Дар хонаи баъзеҳо тифл ба дунё меояд, зодрӯзи дӯст ё наздиконро ҷашн мегиред. Нафароне, ки қарздоранд, дар ҳолати асабоният қарор мегиранд.

Асад
23.07 - 22.08

Даромади пулие, ки дар ин рӯзҳо ба даст меоред, дар моҳҳои наздик баландтарин ба ҳисоб меравад. Давоми ҳафта зимни робита бо нафароне, ки мунтазам дар муошират ҳастед, боэҳтиёт бошед. Нафаре мехоҳад шуморо барои мақсадҳои худ истифода бубарад.

Ақраб
23.10 - 22.11

Изтироб ва фишори рухӣ ба ҳолати равониву чисмонии шумо бе асар наметонад. Аз ин рӯ, барои истироҳат вақти кофӣ ҷудо намоед. Шумо ғами онро мехӯред, ки амалу кирдоратон дар хонаву зимни муносибат бо нафаре боиси сар задани мушкилиҳо мегардад.

Далв
21.01 - 19.02

Агар бо дӯстдоштаи худ ва наздикон муносибатро вайрон кардан нахоҳед, аз ҳама гуна фиребу найранг дурӣ ҷӯед. Вазъи молиявии худро ба шарте бехтар карда метавонед, ки бо нафарони дар мучали мизон, ҷавзо ва далв тавлидёфта оила бунёд карда бошед.

Љавзо
22.05 - 21.06

Давоми ҳафта диққати худро ба дӯст ё яке аз наздиконатон, ки гирифтори душвориҳо гаштааст, равона намоед. Кумаки равонӣ ва молиявӣ, маслиҳат ва ҳамхориву дастгирии худро дареғ надоред. Аз доираи нафарони дилтанг ва озордиҳанда дурӣ ҷӯед.

Сунбула
23.08 - 22.09

Дар давоми ҳафта пулро беҳуда сарф накунед. Аксарият бо интиқол ва пардохт намудани хизматрасониҳои пулӣ машғул мешаванду дар пайи пайдо намудани манбаҳои нави даромад мегарданд. Ҳодисаҳое сар мезананд, ки ояндаи шуморо муайян месозанд.

Қавс
25.11 - 21.12

Давоми ҳафта уҳдадориву вазифаҳои зиёде ба дӯшатон бор мегардад, ки асосан бо оила ва наздиконатон алоқамандӣ дорад. Аксари атрофиён дар мушкилоти шахсиву оилавӣ аз шумо кумаку маслиҳат мепурсанд. Ба саломатии худ ва наздикон бодиққат бошед.

Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳафта барои сафару қабули меҳмонҳо созгор аст. Вазифаву уҳдадориҳоятон зиёд мешавад ва лаҳзае бе кор наметонед. Дар масъалаҳои молиявӣ имкони нави ба даст овардани даромади иловагиро пайдо мекунед. Ҷавонон метавонанд кори иловагӣ гиранд.

ЧАРО НАСАБИ ГУЛНАЗАР ЎЗБЕКӢ АСТ?



Бисёре аз мухлисони ашъори устоди равоншод Гулназар суол мекунанд, ки аз чӣ сабаб номи хонаводагӣ (насаб)-и шоир вожаи туркӣ-ӯзбекӣ, яъне Келдӣ аст?

Дар ин маврид бародари устод Гулназар равоншод Имомназар Келдиев, таърихдони шинохта, доктори улуми таърих, профессор дар китоби “Умеди мо, умеди дилҳои мо” (Ёде аз ходими шоистаи ҳизбӣ Умед Келдиев, Душанбе, 2006) чунин менависанд:

«... Падарамон Мирзоев Мирзокелдӣ (1906-1982) деҳқони асилу заҳматкаш, яке аз сарварони хоҷагии деҳқонии дастаҷамъии (колхози) ба номи Свердлови ноҳияи Айнӣ маҳсуб шуда, дар пешрафти ин хоҷагӣ саҳми калон гузоштаанд. Бояд хотирнишон кард, ки номи падари бузургворамон аз азал Камолиддин (ба ифтихори номи бобокалонашон,- шарҳи Ҷ. О.) будаасту баъдтар бо як сабаби тасодуфие эшонро Мирзокелдӣ мехондагӣ шудаанд. Чунон ки боре худи падарамон нақл карда буданд, он кас дар синни кӯдакӣ, тахминан дар синни ҳаштмоҳагиашон ба касалии сахте гирифтор мешаванду табобатҳо нафъе намерасонанд ва ҳамагон аз зинда мондани кӯдак қариб умедашонро мекананд. Бобоямон Мирзомиддин пури Хӯҷаназар, ки писарчаашонро, яъне падари моро ниҳоят дӯст медоштаанд, ба доду фиғон медароянд. Дар ҳамин вақт як турки (ӯзбеки) шиноси бобоямон, ки Келдибек ном доштааст, бо мақсади тиҷорат ба деҳаи Дардар меояду ба хонаи бобоямон меҳмон мешавад. Келдибек, ки кам-кам аз касби табибӣ ҳам хабар доштааст, фавран ба табобати кӯдаки касал мепардозад. Дар зарфи ду рӯз аҳволи кӯдак хеле беҳтар мешавад. Бобоямон аз ғояти хурсандӣ хеле ба ваҷд меояду ба Келдибеки табиб мегӯянд: «Бародари азиз, барои аз марг наҷот додани писарчаам ман аз ту як умр миннатдор ҳастам ва ба ивази ин хизматат ҳар чӣ хоҳӣ, ман ба ту медиҳам». Табиб дар ҷавоб изҳор мекунад: “Ман кӯдакро бо салоҳдиди худованди карим табобат кардам, барои ин аз дӯстам ягон чиз талаб намекунам ва фақат бо мақсади ёдгорӣ мехоҳам номамро ба ҳамин кӯдак номгузорӣ кунед». Бобоямон ин хоҳиши табибро қабул менамоянд. Ва аз ҳамон дам исми падарамонро на Камолиддин, балки Мирзокелдӣ мехондагӣ шудаанд. Ин ҳодиса тақрибан баҳорони соли 1907 ба вуқуъ пайвастааст, чунки падарамон охирҳои тобистони соли 1906 ба дунё омадаанд. Бобоямон Мирзомиддин бошанд, тирамоҳи соли 1907 аз касалии илтиҳоби кӯррӯда (аппендитсит) дар синни 37-солагӣ вафот кардаанд ва падарамон аз якунимсолагӣ аз меҳру ғамхории бузургворашон бенасиб мондаанд.

Ин ҷо мехоҳем дар бораи шаҷара (насабнома)-и падариамон каме иттилоъ бидиҳем. Тибқи маълумоти писартағои падарамон Дӯстбой Мирзоқандов (1889-1968) то ба имрӯз мо аз панҷ насли (панҷ пушти) шаҷараи хонаводаи падариамон огоҳӣ дорем. Бояд таъкид кард, ки амаки Дӯстбой Мирзоқандов, ки моҳи декабри соли 1968 дар синни 79-солагӣ аз дунё гузаштаанд, хотираи қавӣ доштанду бисёр лаҳзаҳои таърихи деҳаи Дардар, шаҷараи хонаводаҳои хешовандон ва саргузашти одамони намоёни деҳаро ба хубӣ медонистанд.

Хонаводаи падариамонро дар деҳаи Дардар авлоди «мирзогиҳо» мегуфтаанд. Чун қоида, калимаи «мирзо»-ро дар аввали номи шахсони босаводу соҳибэҳтиром илова мекардаанд. Чунончи: Мирзо Шоҳрух, Мирзо Камол, Мирзо Келдӣ ва ҳоказо.

Инак, шаҷараи хонаводаи падариамон чунин аст:

1. Камолиддин (Мирзокамол) - падари яке аз аввалин бобокалонҳоямон Худойдод. Гузаштагони бобои бобоҳоямон Камолиддин ба мо маълум нест. Фақат ҳаминаш маълум, ки он кас дар асри XVIII умр ба сар бурдаанд. Мувофиқи нақли амаки Дӯстбой Мирзоқандов волидайни бобои бобоҳоямон Камолиддин аслан зодаи деҳаи Боғи Шамоли наздикии шаҳри Самарқанд будааванду бар асари фишору бедодгариҳои ҳокимони аштархонӣ охирҳои асри XVII ҳамроҳи хешовандони наздики худ ба ҷониби кӯҳистони Фалғар ҳиҷрат кардаанд ва дар деҳаи зебоманзари Дардар маскан гирифтаанд.

2. Худойдод пури Камолиддин - падари бобокалонамон Хӯҷаназар, ки дар охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX зиндагонӣ кардааанд.

3. Хӯҷаназар пури Худойдод (1834-1905) - падари

бобоямон Мирзомиддин, яъне бобокалони мо.

4. Мирзомиддин пури Хӯҷаназар (1870-1907), наздикон ба таври кӯтоҳ Мирзо мегуфтаанд падари Мирзокелдӣ, яъне бобои мо - падари падарамон .

5. Мирзокелдӣ пури Мирзомиддин, мувофиқи ҳуҷҷатҳо Мирзокелдӣ Мирзоев (1906-1982) - падари бузургвори мо, шаш нафар фарзандонашон - Мирзоумед (Умедҷон), Хӯҷаназар (Бобоҷон), Имомназар, Наврӯзгул, Шарофат, Гулназар ва бобою бобокалони фарзандону набераҳои мо...».

Таҳияи
Ҷамшед ОРИФИЁН

МАВЛУДНОМА

17 ИЮЛ

Мирзо Бобоҷонов (1925-1993), 100-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Юрий Земмел (1935), 90-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

Маргарита Лисикова (1935), 90-солагии зодрӯзи рассом. 18 июл

Назокат Олимзода (1955), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Алиназар Хоҷаев (1920-1968), 105-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

19 ИЮЛ

Анатолий Заусаев (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Иван Павловский (1885-1969), 140-солагии зодрӯзи забоншинос.

Владимир Петкел (1930), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, генерал-майор.

20 ИЮЛ

Ҷӯрақул Ашӯрқулов (1940), 85-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

Замира Кароматуллоева (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Абдураҳмон Қодиров (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

Неъмат Парпиев (1915-1991), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Баҳрулло Раҷабов (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

21 ИЮЛ

Идибек Зиёев (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Сайфулло Пӯлодов (1920-1991), 105-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

22 ИЮЛ

Рашид Абдурашидов (1935-2002), 90-солагии зодрӯзи рассом.

Борис Бибиков (1900-1986), 125-солагии зодрӯзи коргардони театр, профессор, Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон.

Абдураҳмон Саидов (1910-1945), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Ҳақназар Соҳибназаров (1940-1987), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

Суръат Умаров (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

23 ИЮЛ

Набиҷон Абдуллоев (1940-1993), 85-солагии зодрӯзи мутриб, дирижёр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Ғайбулло Аҳмадов (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Саймумин Ятимов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи АМИТ, генерал-полковник.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №27064 ба номи Маҳмадхонов Исмонқул Алихонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 7/6, ҳ. 73, санаи 20.09.2004, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ҶТ №0029478, ба номи Шарипова Бибикибриё Тагойевна, ки санаи 20.07.2010 аз ҷониби Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТК №0167034, рақами қайд №1185, ба номи Муминова Шаҳноза Абдукаримовна, ки соли 2019 аз ҷониби МДТ “Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ” дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №27064 ба номи Маҳмадхонов Исмонқул Алихонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 7/6, ҳ. 73, санаи 20.09.2004, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04755434, ба номи Мирзоев Акрамджон, ки санаи 15.02.2023 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи Д №530445, ба номи Носиров Маҳмадбек Туфонович, ки соли 1984 аз ҷониби Омӯзишгоҳи касбии техникии №5 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Амиркулова Матлуба Субхановна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино 64, ҳ. 84, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Инатуллоев Файзулло, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Телман 402, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳристи №1ш-769, аз санаи 05.04.2007 ба номи Маҳмадхонов Исмонқул Алихонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 7/6, ҳ. 73, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ҶТ №0179242, рақами қайд №1369, ба номи Давлат Пайрави, ки соли 2023 аз шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ-касбии Коллеҷи техникӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Абдувайсова Мунира Мамарасуловна, РМА: 285128932, ки соли 2021 дар Нозироти андоз дар ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Диплом ба номи Нуралиев Бахтовар Пирмаҳмадович, ки соли 2012 аз ҷониби Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0163462, рақами қайд №286, ба номи Зардаков Ахлидин Сафарович, ки соли 2014 аз ҷониби Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти 1Ш-1348, ки аз 27.08.2014 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Амирбеков Амирбек Точибекович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Акбар Махсумов, хонаи 102а дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1166730, ба номи Балхиев Неъмат Сунатуллоевич, ки соли 2023 аз ҷониби МТМУ №5-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Ориёман", №0281628, РЯМ: 0410035093, РМА: 040056974, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ «Шоми Дӯстон», №0267439, РЯМ: 0410037293, РМА: 040059497, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.


► ҶДММ "Элит Савдо", №0281618, РЯМ: 0110025685, РМА: 010101833, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

МЕХАРАМ

► Мебели б/у, диван, нармкурсӣ, ҷевонҳо, мизу курсиҳо, гарнитури хонаи хоб, катҳои дуқабата, кондитсионерҳо, ваннаҳо, яхдонҳо, мошинаи ҷомашӯй "Киргизия", қолину палос, курпаву курпача. Молҳои музояда. Тел.: 55-035-11-35 (ватсап), 0000-11-692 (ватсап), 90-266-66-26, 90-300-71-30, 900-70-98-98 (танҳо ватсап).

КОР МЕҶӮЯМ

► Директор, сармуҳосиб, аудитор, таҷрибаи калони корӣ дорам, эҳтимоли дар ду ҷой кор кардан ҳаст. Тел.: 93-501-06-54



ФУТЗАЛ

БЕҲТАРИНҲОИ МАВСИМИ 2024/25 ҶОИЗА ГИРИФТАНД

Лигаи футзали Тоҷикистон мавсими 2024/25-ро ҷамъбаст карда, ғолибони ҷоизаҳои инфиродиро эълон кард.



Маросими мутантани ҷоизасупорӣ 12-уми июл баргузор шуд. Зимни ҳамоиш ғолибон дар ҳашт номинатсия бар асоси натиҷаи мусобиқаи Суперлигаи футзали Тоҷикистон дар мавсими 2024/25 қадрдонӣ карда шуданд. Беҳтарин футзалбози Тоҷикистон бозигари «Истиқлол»-и Душанбе Муҳаммад Шарипов дониста шуд. Беҳтарин мураббии мавсими чамъбастшуда Пайрав Воҳидов эътироф гардид, ки таҳти роҳбарии ӯ «Соро компания» ғолиби Суперлига ва Ҷоми Тоҷикистон дар мавсими 2024/25 шуд. Барои саҳми арзанда дар рушди футзал дар Тоҷикистон ба узви Кумитаи иҷроияи ФФТ Дилшод Ҷӯразода ифтихорнома дода шуд. Илова бар ин, бозигарони тими миллии Тоҷикистон, ки дар Ҷоми Осиё-2024 дар Тайланд бомуваффақият баромад карда, дар Ҷоми ҷаҳон-2024 ширкат доштанд, соҳиби шаҳодатномаҳои устоди варзиши дарачаи байналмилалии футзал шуданд.

Ҷоизаи «Чеҳраи умедбахш» ба Рамз Амрохонов («Сомон»), «Fair Play» ба дастаи «Пойтахт» дода шуд. Беҳтарин бозигар аз нигоҳи мухлисон Иқбол Воситзода («Сипар») дониста шуд. Ҳамчунин, Хуго Кардозо («Соро компания») беҳтарин легионер, Саид Туробидӣ («Соро компания») беҳтарин дарвозабон, Шавкат Пулотов («Истаравшан») беҳтарин нишонзан (34 гол) эътироф шуданд.

ФУТБОЛ



ДАР РАВЗАНАИ ГУЗАРИШИ ТОБИСТОНА КӢ БА КУҶО РАФТ?

Дар танаффуси байни мавсим равзанаи трансфери футболбозон дар Тоҷикистон боз шуд ва дастаҳо аз пайи ҷалби бозигарони нав шуданд. Дар ҳамин ҳол чанд бозигари легионери тоҷик дастаҳои худро тарк карданд, ё ба дастаи дигар гузаштанд.

Ду футболбози тоҷик Суперлигаи Ӯзбекистонро тарк карданд. Далер Шарифов расман аз бошгоҳи "Шӯртан"-и Ӯзбекистон рафт, аммо ҳоло маълум нест, ки бо кадом даста ҳамкорӣ хоҳад кард. Ҳимоятгар Манучеҳр Сафаров «Динамо»-и Самарқандро тарк кард. Ӯ баъди се сол боз ба дастаи «Истиқлол»-и Душанбе баргаштааст. Алишер Шукуров аз дастаи «Тюмен» (Русия) ба дастаи «Хуҷанд» гузашт.

Дар ҳабар аст, ки Салоҳиддин Эргашев дастаи «Арсенал»-и Беларусро тарк кардааст ва ҳоло дар ҳайати «Равшан»-и Кӯлоб тамрин мекунад. Абдулло Ҷебов аз дастаи «Сатурн» (Рамен, Русия) ба дастаи «Чайка» (Русия) гузаштааст.

БОКС

МУСОБИҚАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БО ШИРКАТИ ВАРЗИШГАРОНИ 5 КИШВАР ДАР ХУҶАНД

Аз 9 то 12-уми июл дар варзишгоҳи «Спартак»-и шаҳри Хуҷанд мусобиқаи кушоди байналмилалии бокс ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва ба хотири гиромидошти хотираи Устоди варзиши Иттиҳоди Шуравӣ Азимҷон Тошев баргузор шуд.



Дар ин мусобиқа 90 муштзан аз Федератсияи Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ширкат карданд. Рақобатҳо дар ҳафт вазн - 51 кг, 57 кг, 63,5 кг, 67 кг, 71 кг, 80 кг ва +92 кг баргузор шуданд.

Дар вазни 51 кг Боир Батлаев намояндаи Русия, Меъроҷ Суфиҷонов, Сунатулло Қулов ва Меҳрон Шафиев аз Тоҷикистон; дар вазни 57 кг Хусравхон Раҳимов аз Тоҷикистон, Муҳаммад Собутхонов аз Ӯзбекистон, Виталий Баитсов аз Русия ва Анӯшервон Фозилов аз Тоҷикистон; дар вазни 63,5 кг Руслан Ғафуров аз Тоҷикистон, Расул Магомедов аз Русия, Хусрав Зоидов ва Ҷамшед Ғафуров аз Тоҷикистон; дар вазни 67 кг Данис Гавдрафиков аз Русия, Довуд Маҳкамов, Искандар Хусейнов ва Абубакр Абдуллозода ҳама аз Тоҷикистон; дар вазни 71 кг Муродҷон Ашуралиев аз Тоҷикистон, Лазизбек Тулқинов аз Ӯзбекистон, Алихон Янгизбоев аз Русия ва Исмоил Дадобоев аз Тоҷикистон; дар вазни 80 кг Чеерав Ачалиев аз Русия, Шаҳбоз Ҳаитов ва Абдумалик Болтаев ҳарду аз Тоҷикистон, Аян Калмаганбетов аз Қазоқистон; дар вазни +92 кг Светосиев Тетерин аз Русия, Муҳаммад Аброриддинов, Парвиз Аҳмадов ва Асадбек Маннонов аз Тоҷикистон ҷойиҳои ифтихориро соҳиб шуданд. Дар умум муштзанҳои тоҷик соҳиби 18 медал (3 тилло, 4 нуқра ва 11 биринҷӣ) шуданд. Муштзанҳои Русия соҳиби 7 медал (4 тилло, 1 нуқра ва 2 биринҷӣ) шуданд. Намояндагони Ӯзбекистон 2 медал (1 нуқра ва 1 биринҷӣ), Қазоқистон 1 медали биринҷӣ ба даст оварданд.

РЕЙТИНГ

ДАСТАИ МУНТАХАБИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН БА ЗИНАИ 106 ФАРОМАД

FIFA рейтинги нави дастаҳои аъзояшро нашр кард, ки дар он дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон мавқеашро аз даст додааст.


Тибқи маълумоти нашршуда, дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар муқоиса бо рейтинги қаблӣ ду зина поён рафта, бо 1202,54 имтиёз дар зинаи 106-ум қарор дорад. Моҳи июн тими миллии футболи Тоҷикистон ду бозӣ анҷом дод. Дар аввал даста бо душворӣ дастаи мунтахаби Камбоҷаро дар майдони худаш мағлуб (2:1) кард. Сипас, дастаи Тоҷикистон дар сафар имтиёзҳои муҳимро дар муборизаи барои дарёфти роҳҳат ба Ҷоми Осиё-2027 дар бозӣ бо Филиппин (2:2) аз даст дод.

Каме пештар, дар моҳи март футболбозони тоҷик ду бозӣ анҷом доданд. Дар бозии дӯстона дар майдони худ аз тими Беларус бо ҳисоби 0:5 шикаст хӯрданд ва дар бозии интихобии Ҷоми Осиё-2027 дар майдони худ бар Тимори Шарқӣ пирӯз (1:0) шуданд.

Миёни дастаҳои Осиё Ҷопон (дар ҷаҳон 17), Эрон (20) ва Кореяи Ҷанубӣ (23) дар сегонаи аввал қарор доранд. Ба даҳгонаи беҳтарин Австралия (24), Қатар (53), Ӯзбекистон (55), Ироқ (58), Арабистони Саудӣ (59), Урдун (64) ва АМА (65) шомиланд.

Дар раддабандии 5 зинаи аввал тағйирот ба назар намерасад. Аргентина ҳамоно пешсаф аст ва зинаҳои баъдиро Испания, Фаронса, Англия, Бразилия аз худ кардаанд. Ғолибони Лигаи миллатҳои Португалия аз зинаи ҳафтум ба шашум баромад; Ҳолланд аз шашум ба ҳафтум фаромад. Белгия дар ҷои ҳаштум боқӣ мондааст. Олмон ва Хорватия як зина боло рафтанд ва ҳоло дар мавқеи 9-ум ва 10-ум ҳастанд.

РЕЗААХБОР



Футболбози 40-сола Криштиану Роналду бо мураббии португалӣ Жорже Жезуш ба хулоса омадаанд, ки дар бозиҳои камаҳамият саломатии Роналдуро бояд эҳтиёт кунанд. Роналду розӣ шудааст, ки на камтар аз 25 дарсади ҳамаи бозиҳоро сарфи назар кунад. Ҳадафи асосии ӯ ҷилавгирӣ аз ҷароҳат ва нигоҳ доштани ҳолати беҳтарин барои ширкат дар Чемпионати ҷаҳон будааст.

***

Бо қарори роҳбарияти бошгоҳи футболи «Истиқлол» мутахассиси 36-солаи рус Владимир Чурляев сармураббии нави тими футзал таъйин шуд. Чурляев дар дастаҳои гуногуни Русия ҳамчун бозингар ва мураббӣ фаъолият кардааст. То ба ин дам дар тими «Атирау»-и Қазоқистон кор мекард. Эраҷ Носеҳов, мутахассиси ватанӣ, ба ҳайси ёвари сармураббӣ дар «Истиқлол» кор хоҳад кард.

***

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-17) ҷамъомади таълимиву тамриниро дар шаҳри Норак шуруъ кард, ки то 4-уми август идома хоҳад кард. Сармураббӣ Марко Рачинӣ 27 бозикун - 2 дарвозабон, 9 ҳимоятгар, 12 нимҳимоятгар ва 4 ҳамлагарро даъват кардааст. Дар Ҷоми ҷаҳон-2025, ки аз 3 то 27-уми ноябр дар Қатар баргузор мешавад, наврасони Тоҷикистон дар гурӯҳи «I» бо Чехия (5-уми ноябр), ИМА (8-уми ноябр) ва Буркина-Фасо (11-уми ноябр) бозӣ мекунанд.

***

13-уми июл дар ИМА бозии финалии Ҷоми ҷаҳонии бошгоҳҳо дар соли 2025 баргузор шуд, ки дар он “Челси” (Англия) бар “ПСЖ” (Фаронса) бо ҳисоби 3:0 ғолиб омад. “Челси” дар ин мусобиқа 114,6 миллион доллар ба даст оварад. Аз ин миқдор 29 миллион барои ширкат дар мусобиқа ва 86,5 миллион доллар ҳамчун ҷоизапулӣ мебошад.



ГИНЕКОЛОГ

Зане аз хонаи модараш бармегардад. Ҳамсоя дар кӯча бо табассуми пуризтеҳзо мегӯяд:

- Шавҳарат ҳар бегоҳ ба хона занҳоро меовард.

Зан дар ҷавоб мегӯяд:

- Хайр, ҳеҷ гап не. Шавҳарам гинеколог асту корҳои мондаашро дар хона ба анҷом расонидааст-дия...

НАРКОЗ

Мард аз зан мепурсад:

- Хонуми зебо, ман барои ба даст овардани муҳаббати шумо бароятон чӣ биёрам?

Зан дар ҷавоб:

- Наркоз биёред.

ХУДХИЗМАТРАСОНӢ

Марде дар маркази савдо ба маблағи 30 000 сомонӣ маҳсулот харидорӣ намуда, ба назди хазина меояд. Баъди ҳисобӣ карданаш, духтараки хазинадор мегӯяд:

- Барои харидатон сипосгузорем!

Мард бо ғазаб:

- Тамом?! Барои чунин маблағ шумо бояд пойҳои маро бӯса кунед!

Духтарак бо табассум:

- Дар мағозаи мо худхизматрасонӣ ба роҳ монда шудааст!

КАЛОНСОЛ

Зану шавҳар бо ҳам муноқиша мекунанд. Шавҳар мегӯяд:

- Ту аз ман калонсол ҳастӣ, пеш аз ман вафот мекунӣ, фаҳмидӣ!?

Зан кордро ба даст гирифта, мегӯяд:

- Ту муътақид ҳастӣ?

НАФРАТ

Марде барои ба кор даромадан ҳангоми анкета пур кардан аз дӯсташ маслиҳат мепурсад:

- Гӯш кун, агар ман нависам, ки машрубот менӯшам, маро ба кор намегиранд, агар гӯям, ки наменӯшам, бовар намекунанд. Чӣ нависам?

Дӯсташ мегӯяд:

- Нависам, ки арақ менӯшам, вале бо нафрат...

ФИШОР

Карим ба Раҳим мегӯяд:

- Биё имрӯз ба сауна меравем.

Раҳим дар ҷавоб:

- Ба ман мумкин нест...

Карим мепурсад:

- Фишор ё занат?

Раҳим мегӯяд:

- Фишор аз ҷониби занам.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

БАНКОМАТ

Набераи мактабхонам китобу дафтар дар даст ба ҳуҷраи ман даромад ва гуфт:

- Бобоҷон, як чиз пурсам?

- Марҳамат, пурс,- ҷавоб додам ман.

- Дар ҷавоби ҳамин машқ кумак кунед!

- Майлаш, агар зӯрам расад, кумак мекунам, чунки барномаи мактабии шумо баробари барномаи мактаби олии даврааи донишҷӯии мост,- гуфтам ман.- Канӣ, хон, чӣ савол аст?

- Ҳамин калимаи «банкомат» дар забони русӣ ба кадом ҷинс дахл дорад?,- хонд саволашро ӯ.

Ман каме андеша кардаму баъд ҷавоб додам:

- Ҳам ба ҷинси мардонаву ҳам занона ин калима дахл дорад.

- Ин хел намешавад, бобо, ки як калима ба ду ҷинс тааллуқ дошта бошад,- эътироз кард набераам.

- Мешавад ва ман ҳоло исбот мекунам,- паст наомада гуфтам ман.- Вақте ки корти маблағ дар дасти мард, яъне падарат аст, он банкомат буда, ҷинси мард аст. Аммо вақте ки корти маблағ ба дасти модарат афтид, он ба банкомат мубаддал гашта, ҷинси зан мешавад. Фаҳмо?

БАРОМАД

Солҳои 90-уми асри гузашта дар Радиои Тоҷикистон кор мекардам. Воситаи асосии дастрас кардани хабар барои мардум радио буд, чунки ҳамагӣ як шабакаи телевизионӣ буду он ҳам як-ду соат пагоҳӣ ва 4-5 соат шомгоҳон намоиш пахш мекард. Аз телефони ҳамроху интернет ҳоло нишон ҳам набуд.

Бахусус дар деҳот радио маъруфияти зиёд дошт ва дар ҳар хона онро гӯш мекарданд. Ҳар моҳ як ё ду маротиба ба деҳа, ба аёдати падару модарам мерафтам. Чун ҳар ҳафта онҳо камаш ду маротиба садои маро аз радио мешуниданд, шод мешуданд ва огоҳ мегаштанд, ки сиҳату саломатам.

Яке аз рӯзҳои шанбе чун ба деҳа рафтам, пас аз пурсупоси маъмулӣ падарам гуфтанд:

- Баромадҳо зӯр-ку!

Дар радио гуфторҳоро дар назар доштанд.

Чун он солҳо маошро дер медоданд ва он ҳам чандон кирой набуд, ҷавоб додам:

- Баромадҳо-ку зӯр, вале даромадҳо масза надоранд.

Ҷумъа МИРЗО

Сканворд

